ВОКУНИШИ «АЛИФ БОНК» ВА ПОСУХИ «ТОҶИКИСТОН» с.8-9

ШАШ БАРНОМАИ ВУНДЕРКИНДИ ТОҶИК ДАР PLAY MARKET с.6

САЙЁРА – ТОҶИКДУХТАР, СИТОРАИ КИНОИ РУС с. 10

ТОҶИКИСТОН

№21 (1480) 25.05.22 Оғози нашр: марти 1992

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост!

РАВҒАН ҲАМ ҚИММАТ ШУД!





РӮЗИ НУР

Ё “Дидор”-и Шоҳзода Карим Оғохони IV

с.3

ВИРУСИ НАВ

Таҳдиди “сурхакони маймун” ба одамон

с.4

БОЗОРИ АСЪОР

Ҷаҳиши рекордии рубл ва коҳиши қурби доллар

с.5

ҶОВИД МУҚИМ:

Магар мо ватандор нестем?

с.6

ХАТЛОН

48 бемористон дар вагон

с.6

МАОРИФ

Муаллимони таъҳашунав

с.6

КАНЗИ ШИФО

Давои камхунӣ пайдо шуд

с.13

ВАРЗИШ

Беҳтарин футболбози тоҷик дар Ҷоми Осиё ширкат намекунад

с.2

Эълонҳои бештар дар

ARZON.TJ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
Журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
Профессор, чомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Мухтор БОҚИЗОДА,
шореҳи сиёсӣ

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

Pressa.tj: ХАБАР МЕДИҲАД

"СОМОН ЭЙР" ПАРВОЗРО БА ИСТАНБУЛ ЗИЁД МЕКУНАД

Ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» шумораи парвозҳоро дар самти Душанбе-Истанбул-Душанбе зиёд менамояд.

Бино ба иттилои маркази матбуотии ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр», шуруъ аз 5-уми июн ширкат аз Душанбе ба Истанбул дар як ҳафта се маротиба - рӯзҳои сешанбе, чумъа ва якшанбе парвоз анҷом медиҳад. Парвозҳо дар ин масир тавассути ҳавопаймоҳои Boeing 737-800 ва 737-900 ичро мешаванд.

Мутобиқи талаботи мавҷуда муҳлати амали шиносномаи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки вориди Туркия мешаванд, бояд на кам аз 150 рӯз бошад. Мусофирони аз Душанбе ба Истанбул сафардошта (аз 6-сола боло), аз ҷумла мусофирони транзитӣ тибқи талабот бояд шаҳодатномаи ваксинатсия (ба забони аглисӣ) ва ё маълумотномаи гузаштани ПСР-тести COVID-19-ро бо натичаи манфӣ (бо забони англисӣ), ки давоми 72 соати пеш аз вуруд ба Туркия дода шудааст, пешниҳод намоянд.

ДОНАЛД ЛУ ДАР ТОҶИКИСТОН

Доналд Лу - Ёвари котиби давлатии ИМА оид ба Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ ба Тоҷикистон омад.

Ёвари котиби давлатӣ ва ҳайати ҳамроҳонаш дар Душанбе дар машваратҳои солонаи дуҷонибаи Амрико ва Тоҷикистон ҷиҳати рушди равобити иқтисодӣ ва таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи амният ширкат мекунанд.

Интизор меравад, ки Лу ҳайати Амрикоро роҳбарӣ намояд ва рӯзҳои 23-27-уми май аз Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон бо мақсади тақвият бахшидани равобит бо минтақа ва талошҳои муштарак барои эҳёи бештари Осиёи Марказии ҳамбаста, шукуфон ва амн боздид кунад.

ДАРГУЗАШТИ МЕҲМОН БАХТӢ

Меҳмон Бахтӣ, собиқ узви ҳайати мушоварааи ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ва Нависандаи халқии Тоҷикистон дар синни 80-солагӣ дар Душанбе аз олам даргузашт.

Меҳмон Бахтӣ муаллифи қиссаҳои «Оҳи сабук», «Хубон», «Пирамард», «Се соати даҳшатбор» ва маҷмӯаи намоишномаҳои «Лаҳзаи ҷовид», китоби шеърҳои «Пайғоми баҳор», «Хаёли ширин», китоби қиссаву ҳикояву мақолаҳои «Руҳи тавоно», маҷмӯаи намоишномаҳои «Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ...», китоби қиссаву ҳикояҳои «Оҳи сабук», маҷмӯаи «Пйесаҳо», гулчини қиссаву намоишномаҳои «Манзари қисмат», достони «Бозтоби Офтоб», маҷмӯаи «Қиссаҳо» (ба забони русӣ) ва «Оҳанги хаёл» мебошад.

Меҳмон Бахтӣ ҳамчун шоири суруднавис ҳам дар миёни ҳаводорони таронаҳои лирикӣ шуҳрат дорад.

Аз соли 2004 то соли 2015 раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, солҳои 1995-2000 вакили парлумон ва солҳои 2005-2010 узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон буд.

Ҳайати эҷодии ҳафтаномаи "Тоҷикистон" аз даргузашти нависандаи маҳбуби кишвар Меҳмон Бахтӣ андуҳгин буда, ба пайвандону наздикони марҳум изҳори тасаллият менамоянд. Руҳи марҳум шод ва хонаи охираташон биҳишт бод!



БЕҲТАРИН ФУТБОЛБОЗИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶОМИ ОСИЁ БОЗӢ НАМЕКУНАД. ЧАРО?

Яке аз беҳтарин ва гаронарзиштарин бозигарони тими миллии Тоҷикистон дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2023 ширкат нахоҳад кард.

Нимҳимоятгари дастаи миллии Тоҷикистон Алишер Ҷалилов, ки дар бошгоҳи АГМК-и Ӯзбекистон бозӣ мекунад, ҷароҳат бардоштааст. Ӯ ба ин далел дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2023, ки аз 8 то 14-уми июн дар шаҳри Бишкеки Қирғизистон баргузор мешавад, ширкат карда наметавонад, - хабар медиҳад, Федератсияи футболи Тоҷикистон.

Ба иттилои манбаъ, Ҷалилов 23-юми май дар бозии сафарии Суперлигаи Ӯзбекистон-2022 бо дастаи "Динамо"-и Самарқанд (2:1) осеби ҷисмонӣ бардоштааст.

Ба гуфтаи табиби дастаи мунтахаби Тоҷикистон Фаррух Авезов, муҳлати барқароршавии вазъи саломатии бозигар якуним моҳро ташкил медиҳад.

Ёдовар мешавем, Алишер Ҷалилов, ки аз беҳтарин ҷавонони футболбози ояндадори тоҷик унвон мешавад, дар оғози соли ҷорӣ аз тими "Истиқлол" ба дастаи АГМК-и Ӯзбекистон пайваст.

САРИ САБЗ



Курбони СОБИР, ҳунарманди тоҷик

- Ҳоло бачаҳо ба донишкада меоянд, комилан дар мактаби миёнаанд. Аз 1-ум то 20-уми сентябр ман дониши умумии онҳоро месанҷам, ба хонандагони синфи се баробаранд.

- Акнун, ин хел вазнин нагиред, устод! Масалан, то октябр ё ноябр санҷед, мебинед, ки донишашон ба хонандагони синфи чор баробар шудааст.



Зарринахон ҶУМЪАБОЕВА, омӯзгори Коллеҷи санъати Ҳуҷанд

- Ҳаҷв бисёр нозук ва мушкил аст. Агар ҳаҷвнигор дар гуфтораш андаке андеша накунад, метавонад ба сари худ бало орад. Ҳаҷв таҳқирро намеписандад...

- Таҳқир шарт нест, мувозинатро ба назар гиред. Вақте як касро ҳаҷв кардед, дар муқобилаш ягон рақиби зӯрашро мадҳ кунед ва кори хирс тамом...



Дмитрий ПОЛЕТАЕВ, ходими Академияи илмҳои Русия

- Сабаби асосии омадани муҳоҷирон (аз ҷумла тоҷикон) дар устувории фаъолияти корхонаҳост. Бозори меҳнати мо ниёз дорад, зарурат ҳаст, агар зарурат намебуд, намеомаданд.

- Дуруст, таҳлили олӣ! Аммо, бидонед, агар муҳоҷирон худ зарурат намедоштанд, намеомаданд.

РӮЗИ НУР

ё “Дидор”-и шоҳзода Карим Оғохони IV

Рӯзи 24-уми май дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ҳар сол ҳамчун “Рӯзи Нур” бошукуҳ ҷашн гирифта мешуд. Аммо имсол, ба далели нооромиҳо дар ин минтақаи кишвар, таҷлили он камранг ба назар расид. Вале дар шабакаҳои иҷтимоӣ, бахусус дар “Фейсбук” таҳниятгӯй ва ҳамду сонохонӣ бахшида ба ин ҷашн фарогир буд.



ТО ВАҚТЕ ШОҲЗОДА КАРИМ ОҒОХОНИ ДУРАНДЕШУ ХИРАДМАНД МАСЛИҲАТГАРИ ПАЙРАВОНАШ МЕМОНАД, ОММАИ ИСМОИЛИМАЗҲАБ, АЗ ҶУМЛА МАРДУМИ БАРӮМАНДИ БАДАХШОНЗАМИН БА ҲЕҶ ГУНА МОҶАРОВУ ТАВТЕА РОҲ НАХОҲАНД ДОД ВА АЗ ПАЙИ АФРОДИ ҶИНОЯТПЕША ГОМ НАХОҲАНД ГУЗОШТ!

Бояд гуфт, ки шоҳзода Карим ал-Ҳусайнӣ, Оғохони IV, имоми 49-уми исмоилиёни ҷаҳон, ки бо пайравонаш аз Осиёи Марказӣ робитаи маҳдуд дошт, нахустин бор аз Тоҷикистон соли 1995 дидан кард ва аз он сол инҷониб исмоилиёни Тоҷикистон 24-уми майро ҳамчун "Рӯзи Нур" ё "Дидор" таҷлил мекунанд. Дар ҷашни “Дидор” маъмулан дар сатҳи маҳалу хонаводаҳо барномаҳои гуногуни фарҳангӣ-маърифатӣ баргузор мегарданд.

Аввалин дидори имом дар чор минтақаи Бадахшон - Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим ва Мурғоб сурат гирифт. Пайравони зиёди Оғохони IV ӯро ботантана пешвоз гирифтанд ва қариб тамоми мардуми минтақа дар мулоқоташ иштирок доштанд.

Баъдан, шоҳзода Карим Оғохони IV чандин бор ба Тоҷикистон омад ва бо пайравонаш мулоқотҳо кардаву ҳамвора онҳоро ба гиромидошту дӯст доштани Ватани азизашон даъват менамуд.

Имсол низ, замоне, ки авзоъ дар Бадахшон муташанниҷ шуд, шоҳзода Карим Оғохони IV барои ором кардани пайравонаш сайъ намуд. Ӯ гуфт, ки аз такрори нооромиҳо дар ВМКБ «сахт нигарон аст» ва рӯзи 18-уми май дар паёме аз пайравонаш дар вилоят хост, ки «ихтилофхоро бо муколама ва дар руҳияи эҳтирому ҳамдигарфаҳмӣ ҳал кунанд». Бино ба иттилои “Озодӣ”, матни паёмро 19-уми май дар ҷамоатхонаи исмоилиён дар Тоҷикистон хондаанд.

Пешвои исмоилиён дар паёмаш гуфтааст: “Ба унвони Имоми Замон, ба ҷамоати тоҷикам фармон медиҳам, ки оромиро нигоҳ доранд, қонунҳои кишварро риоя кунанд, ҳамагуна зӯроварӣ, бетартибӣ, фаъолияти ғайриқонунӣ ва амалҳои дигарро, ки метавонанд ба некӯаҳволии онҳо таҳдид кунанд, рад намоянд”.

Шоҳзода Карим Оғохон дар идома аз пайравонаш хостааст, ки “вориди хушунат нашаванд”. «Ниҳоят муҳим аст, ки фарзандони руҳониям ҳамеша суннати ҷамоатамон, яъне дар баробари ҳамаи ҳамватанони дигар дар сулҳу осоиштагӣ зиндагӣ карданро ҳифз намоянд... ва дар рушди кишварашон саҳми фаъолона гузоранд”,- гуфтааст ӯ.

Ёдовар мешавем, ки мавҷи нооромӣ 17 ва 18-уми май ба ноҳияи Рӯшон “кӯчид”. Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон гуфт, ки дар онҷо “амалиёти зиддитеррористӣ” мегузаронад, чун “гуруҳи 200-нафарӣ бо истифода аз тамоми намуди силоҳ дар маркази ноҳияи Рӯшон, дар 3 нуқта шоҳроҳи Душанбе-Хоруғ ва роҳи комендатураи сарҳадиро бастаанд”.

Бояд гуфт, ки изҳори назар кардани шоҳзода Карим ал-Ҳусайнӣ, Оғохони IV, имоми 49-уми исмоилиёни ҷаҳон дар давраи ҳассос ва даъват намудани пайравонаш ба оромӣ аҳамияти рӯзмарра дошт. Зеро, ӯ як нафари таъсиргузор, дар баробари ин, донишманду оқил ва ҷаҳондида асту зарфиятҳои шаҳрванди содиқи як кишвари озода буданро ба хубӣ дарк мекунад.

Ин гуфтаҳо танҳо назариявӣ нестанд. Масалан, ӯ соли 2020 дар феҳрасти 500 мусалмони таъсиргузортарини ҷаҳон тайи солҳои охир пеш рафта, дар радабандӣ барои соли 2021 дар зинаи 30-юм ҷой гирифта буд. Оғохони IV, ки теъдоди пайравонаш дар Тоҷикистон ҳудуди 200 ҳазор нафар арзёбӣ мешавад, ба 30-гонаи мусалмонҳои таъсиргузортарин шомил гардид. Муаллифони пажуҳиш теъдоди пайравони Шоҳ Карим ал-Ҳусайниро дар ҷаҳон ҳудуди 15 миллион нафар арёзбӣ карда, зикр намуда буданд, ки ӯ 49-умин имоми исмоилиён буда, ин шаҷара ба Алӣ, амузодаи Муҳаммад (с) мепайвандад. Инчунин, аз амалҳои хайри Оғохони IV дар бахшҳои гуногун тавсиф шуда буд, ки аз фарҳанг то маорифу тандурустӣ ва бахшҳои дигарро фаро мегирифт.

Ба таъбири дигар, шоҳзода Карим Оғохон асилзода аст. Ӯ 13-уми декабри соли 1936 дар шаҳри Женеваи Швейтсария дар хонаводаи шоҳзода Алӣ Салмонхон ва бону Тоҷуддавла Алихон ба дунё омадааст. Вай дастпарвари Донишкадаи исломшиносии Донишгоҳи Ҳарвард буда, бунёдгузор ва саркори Шабакаи тавсеаи Оғохон (AKDN) аст. Ӯ пас аз падарбузургаш Султон Муҳаммадшоҳ дар рӯзи 11-уми июли соли 1957, дар 20-солагӣ пешвои руҳонии исмоилиёни ҷаҳон шудааст.

Ҳамакнун, дар саросари ҷаҳон камубеш 20 миллион нафар аз мазҳаби исмоилия пайравӣ мекунанд. Онҳо дар Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Танзания, Кения, кишварҳои Халиҷи Форс, Эрон, Лубнон, Сурия, Алҷазоир, ҳамчунин ИМА, Канада, Британиё ва Фаронса зиндагӣ мекунанд.

Боварии комил ин аст, ки то вақте шоҳзода Карим Оғохони дурандешу хирадманд маслиҳатгари пайравонаш мемонад, оммаи исмоилимазҳаб, аз ҷумла мардуми барӯманди Бадахшонзамин ба ҳеҷ гуна моҷарову тавтеа роҳ нахоҳанд дод ва аз пайи афроди ҷиноятпеша гом наниҳодаву чун аъзои як узв барои пешрафти Тоҷикистон кӯшиш хоҳанд кард.

Самандар АЛИЕВ

МАВҚЕЪ



НОНИ ҚОҚ ДОРЕД?

Ҳар рӯз фавҷи ҷӯгиҳои нони қоқталаб аз ноҳияҳои атрофи пойтахт вориди шаҳри Душанбе мешаванду бегоҳ бо халтаҳои пур аз нони қоқ ба манзилашон бармегарданд. Ҳар рӯз даҳҳо нафар намояндаҳои ин қавм бо суоли «нони қоқ доред?» занги дари сокинони пойтахтро пахш мекунанд ва дар аксари ҳолатҳо «бенасиб» намемонанд. Боре аз як гуруҳ занҳои ҷӯгӣ, ки дар ҳавлии бинои истиқоматамон нонҳои ҷамъовардаашонро ғарам карда буданд пурсидам, ки ин қадар нони хушкро чӣ мекунед? Яке аз онҳо гуфт:

- Нонҳоро ба хона бурда, ба навъҳо ҷудо мекунем, тозатарҳояшро истеъмол мекунем, пупанакзадаҳояшро ба чорво медиҳем. Касоне, ки чорво надоранд, онро ба шахсони чорводор мефурӯшанд. Мо қариб ки нон намепазем...

Яъне мо, ин қадар соддаем, ки азоб кашида кор мекунему як халта ордро 380-400 сомонӣ харида, аз фарти бадхарҷӣ онро хушк карда, фоидаи ҷӯгиҳо мекунем?! Ин амали ношоиста солҳост, ки дар пойтахт идома дорад. Солҳои пеш мардум сарфакор буданду дар фарҳанги мо нон эҳтироми баланд дошт. Аммо аз чист, ки имрӯзиҳо анъанаву урфу одати ниёгонро аз ёд бурда, ба нон беэҳтиромӣ мекунанд.

Нонро муқаддас шуморидан аз он ҷост, ки он қуввату мадори одамизод аст. Дур намеравем, солҳои ҷанги шаҳрвандӣ мардум чӣ қадар азоб кашиданд... Бинобар ин, сарфакор бояд буд.

Дар ин росто бонувон нақши калидӣ доранд, бояд онҳо сарфаву сариштакориро дар ҷойи аввал гузоранд. Мушоҳида мешавад, дар деҳоти кишвар ҳам ба киштукори ғалладона, ки метавонад як соли дароз як оиларо бо орд таъмин кунад, саҳлангорӣ мекунанд. Пули бо сад азоб дар муҳоҷират ба даст овардаи ҳамсару фарзандони хешро беҳуда харҷ мекунанд. Дар ин даврони буҳрони шадиди иқтисодӣ бояд ба ҳар як дирами ба буҷаи оилаамон дохил мешуда муносибати сарфакорона дошта бошем.

Лолаи САИДАКБАР

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ



СУРХАКОНИ МАЙМУН

Таҳдиди вируси нав ба одамон

Ҷаҳон нав аз даҳшати коронавирус дар ҳоли раҳо шудан буд, ки Созмони ҷаҳонии тандурустӣ аз хурӯҷи вируси нав хабар дод, ки “сурхакони маймун” ном дорад.

Хатари нав

Табибон дар Аврупо ва Амрико мавридҳои гирифторӣ ба як вируси нодир ба номи "сурхакони маймун"-ро, ки дар Африқо бештар паҳн шудааст, тасдиқ карданд. Канада гуфт, ки дар ҳоли баррасии чанд мавриди шубҳаовар аст. Таби баланду дард, варами дасту пой ва обилаи рӯйи бадан аз нишонаҳои гирифторӣ ба ин навъи вирус гуфта мешавад.

Мудири аврупоии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ҳушдор дод, ки вируси нодири "сурхакони маймун" метавонад дар фасли тобистон дар минтақа афзоиш ёбад.

Ҳанс Клюге рӯзи 20-уми май гуфт, ки "вақте тобистон дар Аврупо фаро мерасад, таҷаммӯи одамон, ҷашнвораҳо ва зиёфатҳо бештар мешавад. Ман аз он дар ташвишам, ки гузаштани беморӣ суръат хоҳад гирифт".

То кунун зиёда аз 100 мавриди гирифторӣ ба вирус дар Белгия, Фаронса, Олмон, Итолиё, Португалия, Испания, Шветсия, Ҳолланд ва Британиё тасдиқ шудаанд ё дар ҳоли баррасӣ ҳастанд. Чанд мавриди гирифторӣ дар Иёлоти Муттаҳида, Канада ва Австралия низ сабт шудаанд.

Олимон интизор надоранд, ки "сурхакони маймун" ба монанди коронавируси нав ба пандемия табдил ёбад, зеро ба гуфтаи онҳо "зуду осон паҳн намешавад".

Ин бемориро табибоне, ки бемории ҷинсиро муолиҷа мекунанд, пайдо кардаанд ва дар байни мардҳое, ки бо мардон робитаи ҷинсӣ доштаанд.

Алоқаи ҷинсии бехатар

Созмони ҷаҳонии тандурустӣ дар пасманзари хурӯҷи бемории “сурхакони маймун” берун аз қитъаи Африқо ваксиназании оммавии аҳолиро зарур намешуморад.

Дар ин бора доктор Ричард Пибоди аз дафтари аврупоии Созмони ҷаҳонии беҳдошт хабар додааст.

Тавре Пибоди ба оҷонсии хабарии "Рейтерс" гуфтааст, захираи ваксинаҳо ва дорухои зиддивирусӣ дар ҳоли ҳозир нокифоя аст, аз ин рӯ, барои пешгирии авҷ бояд шурути тамос ва карантин риоя карда шавад.

"Муҳимтар аз ҳама - алоқаи ҷинсии бехатар, риояи беҳдошт, мунтазам шустани дастҳост. Ҳамаи инҳо барои маҳдуд кардани паҳншавии вирус мусоидат мекунанд",- таъкид кард табиб.

Бемории “сурхакони маймун” як маризии нодирест, ки ба инсон низ мегузарад.

Беморӣ одатан сабук мегузарад ва дар аксари маврид мариз дар давоми чанд ҳафта шифо меёбанд, аммо баъзеҳо метавонанд онро бо мушкилӣ паси сар кунанд.

Аломатҳои аввалини бемории сурхакони маймун табларза, дарди сар, дарди мушакҳо, дарди пушт, сармохӯрӣ ва хастагӣ мебошанд. Гирифторони “сурхакони маймун” дар баданашон обилаҳо мебарояд.

Дар Тоҷикистон ин бемориро медонанд...

"Сурхакони маймун" маъмулан дар Африқои Марказӣ ва Ғарбӣ, аксар вақт дар наздикии ҷангалҳои тропикӣ сабт шуда, дар Конго эндемия (мавҷудияти доимии касалии сироятӣ дар маҳалле) ба шумор меравад. Онро бори аввал соли 1970 дар бадани одамон кашф карданд.

Одамоне, ки бар зидди бемории “сурхакони маймун” ваксина шудаанд, аз ин вирус эмин хоҳанд буд, аммо эмкунии ҳатмӣ дар охири асри гузашта аз байн рафт.

Дар Тоҷикистон ягон мавриди гирифторӣ ба вируси нав - “обчакони ҳамдуна” ба қайд гирифта нашудааст.

Дар ин бора сардори Раёсати амнияти эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар Наврӯз Ҷаъфаров хабар медиҳад.

Ба гуфтаи Наврӯз Ҷаъфаров, ин беморӣ нав набуда, онро бо забони тоҷикӣ “обчакони ҳамдуна” меноманд.

НАҶОТИ АФҒОНИСТОН

Атову Дӯстум, Масъуду Қонунӣ ва Сайёф чӣ мехоҳанд?









Шуморе аз раҳбарони сиёсии ҳукумати пешин ва чеҳраҳои зиддитолибонии Афғонистон дар Анқараи Туркия аз ташкили "Шӯрои олии муқовимат барои наҷоти Афғонистон" хабар доданд. Ин Шӯро дар нахустин нишасти худ аз Толибон хостааст, ки барои ояндаи Афғонистон бар сари мизи музокирот биншинанд.

Гуфта шудааст, ки ҳеч фарде дар ин Шӯро ба унвони раҳбар интихоб нахоҳад шуд. Яке аз аъзои раҳбари даврӣ интихоб мешавад ва ҳеч касе ҳақ надорад, ки ду давр пайи ҳам раҳбари Шӯро интихоб шавад.

BBC бо такя ба манобеи худ хабар медиҳад, ки ин нишаст 17-уми май баргузор шудааст ва дар он рӯйи як "бадил (алтернатива)-и сохторманд"-и сиёсӣ барои Толибон тавофуқ шудааст.

Дар ин Шӯро мувофиқа шуд, ки аз Толибон барои музокира ва гуфтугӯ даъват шавад, вале агар даъвати онҳо пазируфта нашавад ва натиҷае надод, онҳо гузинаи низомиро пеш хоҳанд бурд.

Ба гуфтаи ин манбаъ, мухолифони Толибон дар Анқара гуфтаанд, ки бояд ҳайате аз сиёсатмадорони ин Шӯро бо Толибон ва кишварҳои дахил дар мавриди ояндаи Афғонистон ва давлати ҷадид гуфтугӯ кунанд.

Гуфта мешавад, ки дар ин нишаст чеҳраҳои саршиноси зиддитолибоние чун Атомуҳаммади Нур, волии пешини Балх ва раҳбари яке аз чиноҳҳои Ҷамъияти исломии Афғонистон, Абдураб Расули Сайёф, раҳбари Ҳизби иттиҳоди исломӣ, Абдулрашид Дӯстум, роҳбари Ҳизби ҷунбиши миллӣ ва яке аз пешвоёни ӯзбекҳои Афғонистон, Муҳаммади Муҳаққиқ, раҳбари Ҳизби вахдати исломии мардуми Афғонистон ва яке аз раҳбарони қавми ҳазора, Алмос Зоҳид, вакили пешини парлумон ва ғайра ширкат доштаанд.

Бино ба иттилои "Афғонистон Интернешнл", Салоҳуддин Раббонӣ, вазири корҳои хориҷии пешини Афғонистон ва яке аз раҳбарони Ҷамъияти исломӣ ва Муҳаммад Исмоилхон, вазири пештараи обу энержии ин кишвар ва аз чеҳраҳои пурнуфузи Ҷамъияти исломӣ дар ғарби Афғонистон ба ин нишаст намояндагони худро фиристодаанд.

Аҳмад Масъуд - роҳбари Ҷабҳаи муқовимати миллии Афғонистон дар ин нишаст ширкат надошт.

РОҲИ ОҲАНИ ЧИН-ҚИРҒИЗИСТОН-ӮЗБЕКИСТОН

Раиси Девони вазирони Қирғизистон Оқилбек Жапаров 20-уми май дар ҷаласаи ҳукумат гуфт, ки қарор аст тирамоҳи соли ҷорӣ сохтмони роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-Ӯзбекистон оғоз шавад. Вай ин тарҳро бузургтарин дар таърихи Қирғизистон номида, хостори пуштибонӣ аз он шуд. Вале ҷузъиёти иҷрои тарҳи мазкурро ифшо накард.

Оқилбек Ҷабборов, раиси девони вазирони Қирғизистон ҳанӯз 27-уми октябри соли 2021 хабар дода буд, ки ҳуҷҷатҳои асосӣ барои сохтмони роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-Ӯзбекистон таҳия шудаву охирин гуфтугуҳо бо Ӯзбекистон ба поён расидаанд.

"Мо мунтазири сафари президенти Қирғизистон Содир Ҷабборов ба Чин ҳастем, аммо Пекин айни замон ба далели вабои коронавирус рафтуомадро маҳдуд кардааст. Ҳамин ки маҳдудиятҳо бекор шуд, тақдири тарҳи сохтмони роҳи оҳан низ дар сафари президент ҳал мешавад. 280 километри ин роҳ аз дохили кишвари мо хоҳад гузашт, ки 57 километри он нақб хоҳад буд",- гуфта буд Оқилбек Ҷабборов.



Ташаббуси сохтмони роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-Ӯзбекистон ҳанӯз ибтидои солҳои 2000-ум эълом шуда буд, аммо аз он замон то кунун амалӣ нагардидааст.

РУСИЯ ТОБУТИ ҚИРҒИЗҲОРО РОЙГОН ИНТИҚОЛ МЕДИҲАД

Оҷонсии давлатии авиатсияи шаҳрвандии Қирғизистон ва ширкати русии "Уралские авиалинии" дар мавриди интиқоли ройгон ё бепули тобути қирғизистониҳо созишнома бастанд.

Сафорати Қирғизистон дар Русия хабар дод, ки созишнома рӯзи 17-уми майи имсол ҳосил шудааст. Ба иттилои сафорат, тобути қирғизистониҳо аз шаҳрҳои Челябинск, Уфа, Нижневартовск, Қазон, Самара, Сочӣ ба шаҳрҳои Ушу Бишкеки Қирғизистон бурда хоҳанд шуд.

Моҳи апрели имсол сафорати Қирғизистон дар Русия ба интиқоли тобути 15 қирғизистонӣ мусоидат кардааст.

РАВҒАН ҲАМ ҚИММАТ ШУД!

ДАР ПАЙИ БОЛОРАВИИ ҚИМАТИ ОРД ҚИМАТИ РАВҒАН ҲАМ БОЛО РАФТ. МЕГӮЯНД, КИ ИН ҚИММАТӢ НИҲОЙ НЕСТ. РӮЗ АЗ РӮЗ НАРХУ НАВО ДАР БОЗОР БОЛО МЕРАВАД, РӮЗГОРИ МАРДУМ МУШКИЛ МЕШАВАД, ВАЛЕ КАСЕРО ГӮЁ ПАРВОЕ НЕСТ.



Ҷаҳиши нархи равған

Ҳафтаи гузашта дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон” оид ба болоравии нархи орд мақола ба табъ расида буд. Ин ҳафта бошад, аз паси орд нархи баъзе маҳсулот, аз ҷумла равған ҳам ба осмон дакка хӯрд.

Дар бозорҳои кишвар айни замон нархи як литр равғани офтобпарасти истеҳсоли Русия то 30 сомонӣ аст. Ҳол он ки, чанд рӯз пештар он то 24 сомонӣ арзиш дошт. Ба дунболи равғани истеҳсоли русӣ, равғани растании ватанӣ ҳам қимматбаҳо шудааст.

Эркамо - фурӯшандаи равған дар бозори “Меҳргон” чанд рӯз аст, ки “Олейна”-и 5-литраи истеҳсоли Русияро то 150 сомонӣ мефурӯшад. Ҳол он ки, ин навъи равған дар оғози моҳи май то 125-130 сомонӣ нарх дошт. “Олейна” феълан гаронтарин равған дар бозорҳои кишвар аст. “Як намуди дигар равған дорем, ки як литри он 28 сомонӣ аст. Он ҳам аз Русия меояд, вале кам харидор дорад. Равғанҳои худӣ ҳам қиммат шуданд. Моҳи Рамазон як литр равғани пахтаи Тоҷикистон 20-21 сомонӣ буд, ҳоло 25 сомонӣ аст. Равған баъди моҳи Рамазон беҳад қиммат шуд. Ширкатҳое, ки ба мо равған меоранд, мегӯянд дар худи Русия қиммат аст”,- мегӯяд ин савдогари бозор.

Болоравии нархи маҳсулот сокинони кишварро нигарон кардааст. Маҳмадраҳим Мирзоев майори мустаъфӣ аст. 530 сомонӣ нафақа мегирад. “Ман имрӯз бозор омада, ҳайрон мондам. Нафақаи ман ба як халта орд мерасад, аммо ба 5 литр равған не. Назорат нест. Пеши роҳи болоравии нархҳоро гирифтан лозим. Ниҳодҳои дахлдор чӣ кор мекунанд?”,- мегӯяд ӯ.

Савригул Сафарова, сокини дигари пойтахт мегӯяд, ки чандест килогӣ орд мехарад: “Ман чанд моҳ шуд, ки як халта орд нахаридаам. Дар корхонаи коммуналии шаҳр кор мекунам, 820 сомонӣ маош мегирам. Маҷбурам ордро килоӣ харам. Нон тамоман қиммат аст”.

> **530 СОМОНӢ НАФАҚА МЕГИРАМ. ИМРӮЗ БОЗОР ОМАДА, ҲАЙРОН МОНДАМ. НАФАҚАИ МАН БА ЯК ХАЛТА ОРД МЕРАСАД, АММО БА 5 ЛИТР РАВҒАН НЕ. НАЗОРАТ НЕСТ. ПЕШИ РОҲИ БОЛОРАВИИ НАРХҲОРО ГИРИФТАН ЛОЗИМ.**

Чаро нархҳо якбора дар Тоҷикистон боло рафтанд?

Нархи равғани растанӣ дар Тоҷикистон дар ҳоле боло меравад, ки ин маҳсулоти ниёзи аввал воридотӣ аст. 60%-и ҳаҷми умумии равған дар кишвар аз Русия ворид мешавад. Чун феълан дар Русия вазъ печида аст, ин ба бозори Тоҷикистон бетаъсир намонд. Русия пас аз оғози амалиёти низомӣ дар Украина ва таҳримоти Ғарб барои танзими бозори дохилии худ содироти бештар аз 200 номгӯй маҳсулот, аз ҷумла шакару ғалладонагиҳо ва ғайраро муваққатан манъ мекунад.

Ғуфрон Соҳибназаров, иқтисоддони тоҷик ва коршиноси бозор мегӯяд, ки болоравии нархи маҳсулоти ниёзи аввал, аз ҷумла равған пешгӯйишаванда буд: “Русия содироти равғанро манъ накардааст, лекин бо назардошти вазъи иқтисодӣ дар замони ихтилоф баҳри таъмини амнияти озуқавории худ Русия метавонад муваққатан содироти ин навъи маҳсулотро манъ кунад ва дар ин ҳолат, воқеан ҳам нархи равған ба таври қобили мулоҳиза боло хоҳад рафт. Қиматии ҳозир бештар ба тағйирёбии вазъи асъор ва дар умум гароншавии маҳсулот дар Русия вобаста аст”.


Ф. УСМОНЗОДА

ДАР ШУМОРАИ ОЯНДА:

Дар пайи боло рафтани нархи маҳсулоти ниёзи аввал қиммати шакар ҳам дар бозорҳои кишвар боло рафт. “Тоҷикистон” аз пайи таҳқиқи ин мавзуъ аст. Онро дар шумораи баъдӣ мутолиа кунед.

НАРХИ МИЁНАИ РАВҒАН ДАР 5 МОҲИ ОХИР





ҚУРБИ РУБЛ ДАР ТОҶИКИСТОН БОЛО МЕРАВАД

Қурби рубли русӣ дар Тоҷикистон чанд рӯзи охир мустаҳкам шуда истодааст. Ҳоло, мувофиқи қурби расмӣ, 1000 рублро метавон бо 173 сомонӣ иваз кард. Аммо қурби доллар майли коҳиш дорад. 100 доллар баробар ба 1140 сомонӣ аст. Ҳол он ки, қаблан 1240 сомонӣ буд.

Асосан аз нимаи моҳи май қурби сомонӣ нисбат ба доллар ба таври устувор боло меравад. Агар рӯзи 20-уми май қурби аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқаррарнамуда барои 1 доллар 12,45 сомониро ташкил мекард, пас 24-уми май қурби доллар паст рафт ва 11,80 сомонӣ муқаррар шудааст. Ҳоло чунин пастравӣ идома дорад.

Дар ҳамин ҳол, қурби рубл нисбати сомонӣ дар ҳоли болоравист. Агар як ҳафта пеш 1000 рубл бар ивази 166 сомонӣ иваз мешуд, пас имрӯз, тибқи қурби расмӣ, он ба 172,5 сомонӣ баробар аст. Ин ҳолат муҳоҷиронро хушҳол кардааст. Зеро онҳо аз Русия ба Тоҷикистон маблағро маҳз бо рубл ба хонаҳояшон мефиристанд.

АФЗОИШИ ГАРДИШИ САВДОИ ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯ

Ҳаҷми гардиши савдо миёни Тоҷикистону Русия дар давоми чор моҳи соли ҷорӣ 49% афзуд. Дар ин бора аз Вазорати рушди иқтисоди Тоҷикистон хабар медиҳанд.

Гардиши савдо миёни Тоҷикистону Русия дар давоми чор моҳи соли 2022 - 476,5 миллион доллари ИМА-ро ташкил додааст.

Ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 - 49% бештар аст.

Дар ин бора зимни мулоқоти намояндагони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон бо ҳайати соҳибкорони Санкт-Петербурги Русия гуфта шудааст.

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

БУНГОҲИ ТИББӢ ДАР ВАГОН

Наздики 50 маркази саломатӣ дар Хатлон харобанд!

Феълан дар вилояти Хатлон кам не, 48 бунгоҳ ва маркази саломатӣ садамавӣ, таъмирталаб ва дар ҷойҳои номувофиқ ҷойгиранд. Илова бар ин, дар бисёре аз деҳаҳои навбунёд ҳанӯз бунгоҳи тиббӣ мавҷуд нубудааст.

Сокинони деҳаҳои Лолазор 1 ва Лолазор 2-и ноҳияи Вахш мегӯянд, ки “деҳаи мо ҳанӯз бунгоҳи тиббӣ надорад. Дар деҳаи Лолазор 1 аз ноилоҷӣ вагонеро ҳамчун бунгоҳи тиббӣ истифода мекунанд. Як бунгоҳ бояд сохта мешуд. Вале бо бардоштани чор девор солҳо боз касе барои ба охир расидани сохтмонаш талош намекунад. Бо вуҷуди гузаштани 30 сол аз замони соҳибитиқлолии Тоҷикистон, ҳанӯз касе аз масъулини ноҳияи Вахш чандон ба ҳоли мо таваҷҷуҳ намекунанд”.

Шералӣ Нуров, роҳбари Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Вахш хилофи гуфтаҳои сокинон афзуд,



Ҷӯрабой Саидов

ки дар деҳоти Лолазор 1 ва 2 сохтмони бунгоҳ идома дорад. Ба гуфтаи ӯ, танҳо боми бино мондааст халос. Сохтмон дар дихили бино рафта истодааст.

Дар ҳамин ҳол, сокинон иддао карданд, ки девори бунгоҳ солҳо боз бо ҳашар бардошта шудааст. Вале на боми бино пӯшонида шуду на дар дохили иншоот корҳои сохтмонӣ идома доранд. Онҳо аз он нигаронӣ карданд, ки “роҳбари КАТС-и ноҳия иваз шуд, аммо то ҳол боре ба деҳаи мо наомадааст, то аз мушкиламон огоҳ шавад”.

Шералӣ Нуров тасдиқ кард, ки ҳанӯз ба деҳаҳои Лолазор 1 ва 2 нарафтааст. “Барои онҷо рафтан қариб як шабонарӯз лозим. Аз кор мемонем. Муовинон низ нав таъин шудаанд. Барои ҳамин, то ҳол ба он деҳаҳо нарафтаанд. Ваде бунгоҳҳои тиббӣ дар ояндаи наздик сохта мешаванд. Нақшаҳо зиёданд”,- гуфт вай.

Ӯ ҳамчунин зикр кард, ки “як маркази саломатии садамавӣ низ дорем. Дар ин марказ ҳамарӯза то ба 20 нафар хизматрасонии тиббӣ карда мешавад. Вале бино садамавӣ аст. Хулосаи идораҳои дахлдорро интизорем, то фаъолияти биноро қатъ кунем”.

Маълум шуд, ки бинои маркази саломатии деҳаи Чорбоғ садамавӣ аст, вале кор дар он идома дорад. Бехатарии кормандон ва сокиноне, ки ба ин маркази садамавӣ меоянд, чӣ гуна таъмин мешавад?

Мутаассифона, ба ин суол ҳамсуҳбати мо ҳеҷ посухе гуфта натавонист.

Ҷӯрабой Саидов, муовини сардори Раёсати тандурустӣ дар вилояти Хатлон дар суҳбат бо “Тоҷикистон” гуфт: “Роҳбари КАТС-и ноҳия бояд давоми ду моҳи фаъолияти роҳбарияш рафта аз вазъият аз наздик шинос мешуд. Намедонам чаро нарафтааст. Мо ҳам огоҳ набудем. Акнун дар наздиктарин фурсат ба деҳаҳои Лолазор 1 ва 2 хоҳем рафт”.



Шералӣ Нуров

Ӯ мегӯяд, ки дар вилояти Хатлон мушкилоти таъмирталабу садамавӣ будани бунгоҳу марказҳои саломатӣ дар ноҳияи Вахш бештар аст. “Вале бо амалишавии “Барномаи давлатии рушди соҳаи тандурустӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025” ин камбудиву мушкилиҳо ба пуррагӣ бартараф карда мешаванд”,- таъкид кард вай.

“Дар вилояти Хатлон 48 бунгоҳу марказҳои саломатӣ таъмирталабу садамавӣ буда, боз чанд муассисаи дигар дар иншооти номувофиқ ҷойгиранд. Дар ноҳияи Вахш 13 бунгоҳу марказҳои саломатӣ ба талабон ҷавобгӯ нестанд. Ҳолати чанде аз муассисаҳои тиббӣ солҳои пеш ташвишовар буд. Вале бо афзудани суръати корҳои сохтмонӣ каме вазъ беҳтар шуд”,- мегӯяд ҳамсуҳбати мо.

Вале ин ваъдаҳо амалӣ мешаванд ё не!?...

Машраби АЛОВИДДИН



МУАЛЛИМОНИ ТАЪНАШУНАВ

1. Падару модар барои фарзандон телефонҳои қиммат мехаранд, ҳеҷ гап не.

2. Фарзандонашон дар тарабхонаҳо ва ҷойҳои дилхушӣ ба айшу нӯш машғуланд, ин ҳам ҳеҷ гап не.

3. Кӯдакони синфҳои 5-6-ро сари фармони мошинҳои қиматбаҳояшон мешинонанд, майлаш.

4. Фарзандҳояшон шабҳо ба хона аз назди рафиқонашон масту аласт бармегарданд, майлаш.

5. Бо иҷозати волидон бо ҳазорҳо сомонӣ аз омӯзгорон пинҳонӣ гузаронидани ҷашни зодрӯз ҳам боке надорад...

Танҳо зиёновартарин чиз - ин пули таъмир аст, ки фарзандони тарбиянамудаи ин падару модарон дару девор ва мизу курсиҳоро мешикананду вайрон мекунанду аз кор мебароранд. Таъмир ба дӯши кумитаи падару модарон аст. Ягон омӯзгор дирамеро ба дасти худ намегирад. Бигзор хонандагон дар синфҳои бетаъмир, партаҳои шикаста, дару девори харошида, тирезаҳои бешиша дар сояи волидайни хеш дарс хонанд. Худатон қазоват кунед, агар дар як синф 20 нафар талаба хонад, 50-сомонигӣ ҷамъ оранд, мешавад ҳазор сомонӣ. Аз ин ҳазор сомонӣ омӯзгор чанд сомониашро медуздад? Ба худо айб аст. Шарм доред. Муаллиме дармондаи пули шумо нест. Ба як ошхона дароед, бо 50 сомонӣ шикаматон сер намешавад.

Илтимос, фақат муаллимонро таъна накунед, чунки баландтарин маоши омӯзгор ба ду халта орд намерасад!

Қадри устод аз падар
беш аст,
В-аз падар устод дар
беш аст.

Исмоил ЗАРИФӢ,
омӯзгор

PRESSA.TJ
Сомонаи нашрияи ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

МАГАР МО ВАТАНДОР НЕСТЕМ?!

Хонандагони азиз! Шумо таваҷҷуҳ кардаед, ки ҷавонони мо чӣ сарулибос мепӯшанд? Махсусан дар фасли гармо, вақте ки онҳо либоси сабук, аз қабили футболкаву бейсболка ва либоси варзишӣ доранд.

Аксаран ин либосҳо бо матн ва аксҳои хориҷӣ, ба мисли «USA», «США», «Россия», «Италия» ва ғайра оро ёфтаанд. Ҳоло дар бораи матнҳои даъваткунандаи эротикӣ ҳарф намезанам. Асос ин аст, ки ҷавонону наврасон ба пӯшидани чунин либосҳо майл доранд ва ин таваҷҷуҳашонро ҷалб мекунад.

Пас чаро ба онҳо чунин либосҳоро бо матнҳои тоҷикии тарғиби ватандӯстӣ пешниҳод накунем? Масалан, футболкаҳо бо матни «Тоҷикистон», акси ливои Тоҷикистон, харитаи ҷумҳурӣ, аксҳои ҷойҳои таърихӣ ва манзараҳои дилфиреби кишвар серхаридор хоҳанд буд.

Амалӣ кардани ин иқдом чандон гарону заҳматталаб нест. Танҳо роҳбарони корхонаҳои трикотажбарории кишварро мебояд, ки дар тарғиби ҳисси ватандӯстдории ҷавонон саҳми худро гузоранд. Агар онҳо аз уҳдаи ин кор набароянд, пас соҳибкорон метавонанд чунин либосро дар



Чину Туркия ва ҳатто Ӯзбекистон фармоиш диҳанд.

То кай «маҳсулоти ватанӣ» мегӯему як чизи оддии сертолабро ба харидорон пешниҳод намекунем!? Бовар дорам, ки аксар ин иқдомро дастгирӣ мекунанд. Худи ман ҳам чунин футболкаро бо майли зиёд мепӯшидам. Зеро Тоҷикистон ватани мо аст.

Ҷовид МУҚИМ,
журналист

6 БАРНОМАИ НАВРАСИ ТОҶИК ДАР PLAY MARKET



Иқбол ҳамагӣ 16 сол дорад, вале аллакай барномасози ҳирфай аст ва 6 барномаи ӯ дар Play Market дастрас мебошад. Ӯ аз синни 11-солагӣ ба барномасозӣ шуруъ кардааст.

Барномасозӣ шуғли муосир ва сердаромад аст. Вале ҷавонони тоҷик ба ин пеша камтар таваҷҷуҳ доранд. Ҳол он ки, феълан дар тамоми соҳаҳо ба ин шуғл талабгоранд.

Иқбол Темирхоҷаев, наврасӣ тоҷик яке аз он нафаронест, ки аз кӯдакӣ машғули барномасозӣ мебошад.

Иқбол барои системаи Android барнома месозад ва айни ҳол 6 барномаи сохтаашро дар Play Market ҷой додааст. Аз ҷумла, «Қонуни маориф», «Ҷаҳони бофаросат», «NUN.tj», «Dono», «ТехноЗнаток» ва «Парчам». Ин барномаҳоро беш аз 8 ҳазор кас боргирӣ кардаанд.

- Яке аз барномаҳое, ки аз ҳама зиёд боргирӣ шудааст, ин «Қонуни маориф» мебошад, ки беш аз 5 ҳазор муаллим онро истифода мебаранд,- мегӯяд Иқбол.

Лоиҳаи дигари Иқбол «Dono» номгузорӣ шуда, барои забономӯзӣ пешбинӣ гардидааст. Иқбол ин барномаро дар ҳамоиши байналмилалии EMERGE - INTERNATIONAL TECH CONFERENCE дар шаҳри Минск муаррифӣ намуда буд.

Феълан Иқбол хонандаи синфи 10-уми мактаби хусусии «Гулчини маърифат»-и шаҳри Хуҷанд мебошад ва дар оянда нақшаҳои зиёд дорад.



ШАҲРИ ХУҶАНД

Иқдомот, ободкорӣ ва бунёдкорӣ

Мардуми шарафманди Хуҷандшаҳр баҳри дар амал татбиқ намудани дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин нишондодҳои раиси вилояти Суғд, муовини аввали раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷаббой Аҳмадзода чораҳои амалӣ андешида, барои ноил гаштан ба нишондиҳандаҳои назаррас аз тамоми иқтидорҳою имкониятҳо самаранок истифода бурда истодаанд.

Шоистаи зикр аст, ки соли ҷорӣ кулли сокинони шаҳр бо руҳияи баланди меҳанпарастӣ дар самти тараққиёти ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, пешбурди паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, фарҳангию маънавӣ, равнақи созандагию бунёдкорӣ тадбирҳои рӯзафзун андешида, ҷиҳати сазовор таҷлил намудани 25-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва 30-юмин солгарди Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фаъолияти бонизоми мақомоти маҳаллӣ, азму талош ва заҳмати софдилонаи кулли сокинони шаҳр ҷиҳати таъмини рушди устувори соҳаҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоӣ, зиндагии шоистаи аҳолӣ ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардида истодаанд.

Саноатчиёни шаҳр иқдоми ояндабинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки солҳои 2022-2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон намуданд, бо мамнуният ҷонибдорӣ намуда, дар раванди рушди босуръати ин соҳа ташаббусҳои некро амалӣ гардонида, чораҳои судмандро амалӣ намуда истодаанд. Сол аз сол дар шаҳри Хуҷанд номгӯи намудҳои маҳсулоти саноатӣ низ зиёд шуданд, ки онҳо асосан аз ашёи хоми маҳаллӣ истеҳсол гардида, ба 16 давлатҳои муштаракулманофеъ содирот карда шуда истодаанд. Ба онҳо истеҳсоли маргарин, ранг ва қумпардозии минералӣ, дӯхтани либоси варзишӣ, дӯхтани либоси ҳарбӣ, ноқилҳои электрикӣ ва маҳсулоти дару тирезаҳои муосир мисол шуда метавонанд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар давраи сипаригашта дар шаҳри Хуҷанд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Минтақаи озоди иқтисодии Суғд Корхонаи



ҳасиббарории Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди “Толиб Дадобоев”-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, аз намоиши маҳсулоти корхона дидан намуданд.

Ҷамъияти мазкур бо тамғаи маҳсулоти гӯштии “Дилшод” навъҳои гуногуни ҳасибро истеҳсол мекунад. Дар ҷамъияти мазкур 25 нафар сокини маҳаллӣ соҳиби ҷойи кор гардида, ҳамаи онҳо аз курсҳои бозомӯзии кор бо технологияи соҳавӣ гузаштаанд. Айни замон дар корхона истеҳсоли то 30 намуди маҳсулоти гӯштӣ роҳандозӣ гардидааст. Хатҳои истеҳсолии корхонаи мазкур аз Олмон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Беларус ва Чин харидорӣ гардида, бо истифода аз ин имконот истеҳсолот дар доираи стандартҳои байналмилалӣ роҳандозӣ гардидааст.

Ин чораҳои андешидашудаи босубот барои зиёд гардидани иқтидори истеҳсолии маҳсулоти рақобатпазиру воридотивазкунанда, ҷойҳои нави корӣ, ҳаҷми сармоягузории дохилию хориҷӣ, ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ ва манбаҳои андоз ба буҷети давлатӣ заминаи устувор гузоштанд.

Дар ин давра барои азнавсозии технология ва муҷаҳҳаз гардонидани корхонаҳои саноатӣ зиёда аз 10,0 миллион сомонӣ сармояҳо ҷалб карда шудааст.

Дар раванди бунёдкориву созандагӣ бинокорони шаҳр саҳми назаррас гузошта, аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои молиявӣ маблағгузории асосӣ наздик 100 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Дар шаҳр баҳри бунёд, эҳё ва таҷдиди майдончаҳою толорҳои варзишӣ, ҷиҳати обутобёбии саломатии ҷавонону наврасон ва тарзи ҳаёти солим 6 адад майдончаҳои варзишӣ сохта ба истифода дода шуданд.

Яке аз рисолатҳои ниёгонамон корҳои бунёдкорӣ ва ободонӣ маҳсуб ёфта, дар ин самт бо истифода аз тамоми имкониятҳои ҷойдошта баҳрабардорӣ карда шуда истодааст.

Бо мақсади ба кӯчаю хиёбонҳо ва майдонҳои ҳудуди шаҳр зам намудани ҳусну тароват замонавӣ 259 адад лампаҳо, чароғакҳою фурӯзонакҳо, равшанкунакҳо насб карда шуда, 8 адад биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ рангубор, 22 адад даромадгоҳҳо, 2274 метри мураббаъ боми биноҳо ва 220 метр қубурҳои обу ташноб таъмир ва иваз гардиданд.

Дар ин раванд ҷиҳати кабудизоркунӣ дар кӯчаю хиёбонҳо ва майдонҳои ҳудуди шаҳр чораҳои амалӣ андешида шуда, дар натиҷа 2 ҳазору 138 адад дарахтони ороишии сояафкани ҳамешасабз, 137,5 ҳазор дона гулҳои ҳарҳелаи ороишию маҳаллӣ, ба монанди буттагули садбарг, виола, карамгул, карнайгул, 200,0 ҳазор дона қаламчаи гули садбарг ва 500,0 ҳазор дона пиёзаки гули лола шинонида шуда, таҳти нигоҳубин қарор доранд.

Боиси ифтихор аст, ки ҳар як сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд ва шаҳри Хуҷанд барои инкишофи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ саҳми босазо мегузорад.

Бо қадами муборак Пешвои муаззами миллат дар шаҳри Хуҷанд дар соли ҷорӣ якчанд иншооти гуногуни иҷтимоию истеҳсолӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Аз ҷумла, дар минтақаи саноатии шимолу шарқии шаҳр ба фаъолияти корхонаи ҳасиббарории Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Толиб Дадобоев”, Маркази савдо ва хизматрасонии “Амид”, 2 бинои 9-ошёнаи истиқоматӣ дар маҳаллаи 13-уми шаҳри Хуҷанд аз тарафи Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Сармоя сохтмон”, ки дар асоси талаботи шаҳрсозӣ бо тарҳи меъмории миллӣ зебою замонавӣ сохта шудааст, оғози расмӣ бахшиданд.

Ҳамчун самти афзалиятнок ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуда, бо мақсади тақвият бахшидан ба омӯзиши фанҳои дақиқ, илму техника, ихтироъкориву навоварӣ ва ташаккули тафаккури техникӣ, инчунин баланд бардоштани завқи китобхонӣ ва дар доираи озмуни “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” 60 адад маҳфилҳои “Ровиёни бехтарин”, “Шеърдӯстони бехтарин”, “Техникони наврас”, “Математикони ҷавон”, “Барномасозон” ва “Табиатдӯстони ҷавон” дар муассисаҳои таълимӣ амал намуда истодаанд.

Дар ин давра 156 нафар омӯзгорони фаннӣ ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ аз курси такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф гузашта, савияи дониши худро баланд бардоштанд, ки он ба ҳисоби миёна 39,6 фоизи нақшаи солонаро ташкил медиҳад.

Бо мақсади тақвияти ҳифзи иҷтимоии мутахассисони соҳаи маориф дар давраи ҳисоботӣ 25 нафар омӯзгорон ба маблағи 29 ҳазору 760 сомонӣ, ба осоишгоҳҳо роҳхат гирифта, саломатии худро барқарор намуданд.


Барои мучаҳҳазгардонии соҳа барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр 140 адад компютер ва 40 адад тахтаи электронӣ харидорӣ карда шудааст.

Мавриди ба зикр аст, ки хонандагон дар озмуну олимпиадаҳо фаъолона иштирок намуда, дар ин росто 42 нафар хонандагони синфи 11 барои иштирок дар олимпиадаи ҷумҳуриявии соли ҷорӣ роҳхат гирифтанд.

Инчунин, барои фароҳам овардани шароити хуби хониш сохтмони бинои нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28 ва муассисаи таълимии томактабии №18 бомаром идома дорад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр минбаъд низ ҷиҳати иҷрои дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, нишондодҳои раиси вилоят муҳтарам Раҷаббой Аҳмадзода ва истиқболи сазовори 25-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ, 30-юмин солгарди Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои муассир меандешад.

Фирдавс ШАРИФЗОДА,
раиси шаҳри Хуҷанд



Ба номи сармуҳаррири
Ҳафтаномаи Тоҷикистон
Шариф Ҳамдампур

№592 6-уми майи соли 2022

Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алиф Бонк» (минбаъд дар матн - Бонк) эҳтироми худро баён намуда ёдовар мешавад, ки санаи 21 майи соли 2022 дар саҳифаи pressa.tj/alif-bonk-tojikistoni-islomi-mehoxad/ мақолаи бо ном "**"Алиф Бонк" Тоҷикистони исломӣ мехоҳад?**" пахш гардидааст, ки ҳуқуқҳои Бонкро кулан поймол менамояд.

Огоз менамоем аз сарлавҳаи саволи мақола "**Алиф Бонк" Тоҷикистони исломӣ мехоҳад?**" ин савол мантиқан нодуруст мебошад, чун мақсади Бонк ба роҳ мондани фаъолияти бонкии исломӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" аст, ки аз 26 июли соли 2014, таҳти №1108 қабул гардидааст. Масъалаи дигар ин аст, ки:

- акси зани ҳичобпуш инъикос ёфтааст. Ин маълумот миёни хонандагон ва муштариёни Бонк табъизро ба вуҷуд оварда ба шаъну эътибори корӣ Бонк таъсири манфӣ расонидааст. Банди 6, моддаи 174-и Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон *"Шаҳрванде, ки дар хусуси ӯ маълумоти пастзанандаи шаъну шараф ё эътибори кориаш паҳн гардидааст, ҳақ дорад дар баробари раддияи чунин маълумот ҷуброни зиёни маънавии аз паҳн кардани онҳо расидаро низ талаб намояд"*. Бонк новобаста аз нияти гирифтани иҷозатномаи фаъолияти бонки исломӣ то ҳол боре тафриқаандозӣ ва табъизро дар рекламаҳои худ роҳ надодааст.

-тамғаи молии Бонк бе иҷозати Бонк истифода шудааст. Моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ *"Ягон шахси воқеъӣ ё ҳуқуқӣ ҳуқуқ надорад, ки тамғаи молии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшавандаро бе иҷозати соҳибҳуқуқ истифода барад"*. Қисми 1, моддаи 377-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон *"Барои истифодаи ғайриқонунии нишонаи моли бегона, нишонаи хизматрасонӣ, номи маҳаллии истеҳсоли мол ва номи фирмавӣ"*, ҷавобгарӣ дар намуди ҷарима пешбини намудааст.

-матни амалиётҳои манъшудаи Бонкиро реклама кардааст. Банери мазкур ба хонанда тавре расонида шудааст, ки гуё ин рекламаро Бонк паҳн кардааст. Дар воқеъ рекламаи мазкур тариқи банер бе огоҳони ва розигии Бонк паҳн гардидааст. Бонк бевосита дар сомонаи расмии худ http://Salom.alif.tj руйхати тамоми молу хизматрасониҳоро қайд намудааст инчунин руйхати хизматрасониҳое, ки манъ шудаанд. Дар умум хизматрасониҳои манъ шуда 0,98% хизматрасонии Бонкро ташкил медиҳанд ва 99% хизмтрасониҳои дигари Бонк ба мизоҷонаш бевосита дастрасанд. Ҳафтаномаи ё муаллифи он метавонистанд ба сомонаи Бонк истинод намояд, лекин чунин карда нашудааст, ки шаҳодат аз бе мувофиқанамоӣ бо Бонкро медиҳад.

Одил Нозир муаллифи мақола бидуни риояи зербандҳои 2,3,6,8 моддаи 29-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма", ки ӯҳдадориҳои журналистро муайян мекунад аз ҷумлаи:

-саҳеҳияти ахбори гирифтаашро санҷад; (зербанди 2)

-пеш аз нашр маводи мусоҳибаи омодакардаашро бо сарчашмаи он мувофиқа намояд; (зербанди 3)

-ҳуқуқ озодиҳо, манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ ва манфиати қонунии ташкилотҳоро эҳтиром кунад; (зербанди 6)

-воситаҳои ахбори оммаро бо мақсади дахолат кардан ба ҳаёти шахсӣ, дидаву дониста нашр кардани хабару маводи бардурӯғ, маълумотҳои туҳмату таҳқиромез, ки шаъну шараф ва эътибори кории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро паст мезананд, истифода набарад. (зербанди 8)

Амал намудааст, масалан:

-сарлавҳаи дигаре, ки дар мақола хитобан истифода шудааст "Али исломӣ мешавад!" нопурра, мазмунун коста ва таҳқиромез дарҷ гардидааст, гуё Бонк амалеро анҷом дода истода бошад, ки хилофи қонунгузори бошад. **Ёдоварӣ!** 26 июли соли 2014, таҳти №1108 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" қабул гардидааст ва тамоми амлҳои Бонк мувофиқи ин ва дигар қонунҳо мебошад.


-матни сархати чоруми мақола, аз ибрози таҳқиромезонаи бархе аз пурсишшудагон нашр шудааст. Назди Бонк савол ҳаст, ки чаро танҳо тарафи манфиро ба чоп расонида бошанд? Магар ин дуруст аст? Бонк низ дар ҳамин мвзуъ бо мизоҷони худ дар робита қарор дошт, вале бештари мизоҷон Бонкро дастгирӣ мекарданд.

-дар сархати панҷуми мақола дарҷ шудааст, ки гӯё роҳбарияти Бонк бо хабарнигорони "Ҳафтаномаи Тоҷикистон" ҳамсуҳбат шуда, оид ба шарҳ додани мавзуъи гузариши Бонк ба фаъолияти бонки исломӣ изҳор намуда бошад. Дар воқеъ касе аз роҳбарони Бонк бо хабарнигорони "ҲафтаномаиТоҷикистон" ҳамсуҳбат нашудаанд. Бонк ҳатто метавонад аз руи вақт ва сана зангҳоро барои исбот тафтиш намуда барояд.

Маълумоти паҳн шулда бе шубҳа шаъну шараф ва эътибори кории Бонкро паст задааст, бинобар ин Бонк аз Ҳафтаномаи Тоҷикистон талаб менамояд, ки тариқи ҳамон воситаҳои ахбори умум маълумоти паҳн шударо рад намуда, маълумоти саҳеҳро ба хонандагон дар таҳрири нав пешниҳод намоед.

Дар акси ҳол Бонкро зарур меояд, ки бо асосҳои боло зикршуда раванди қонунии масъаларо ба роҳ монад.

Далер КАРИМОВ,
и.в. муовини раис



— матни амалиётҳои манъшудаи Бонкиро реклама кардааст. Банери мазкур ба хонанда тавре расонида шудааст, ки гуё ин рекламаро Бонк паҳн кардааст. Дар воқеъ рекламаи мазкур тариқи банер бе огоҳони ва розигии Бонк паҳн гардидааст. Бонк бевосита дар сомонаи расмии худ http://Salom.alif.tj руйхати тамоми молу хизматрасониҳоро қайд намудааст инчунин руйхати хизматрасониҳое, ки манъ шудаанд. Дар умум хизматрасониҳои манъ шуда 0,98% хизматрасонии Бонкро ташкил медиҳанд ва 99% хизмтрасониҳои дигари Бонк ба мизоҷонаш бевосита дастрасанд. Ҳафтаномаи ё муаллифи он метавонистанд ба сомонаи Бонк истинод намояд, лекин чунин карда нашудааст, ки шаҳодат аз бе мувофиқанамоӣ бо Бонкро медиҳад.

Одил Нозир муаллифи мақола бидуни риояи зербандҳои 2,3,6,8 моддаи 29-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма", ки ӯҳдадориҳои журналистро муайян мекунад аз ҷумлаи:

-саҳеҳияти ахбори гирифтаашро санҷад; (зербанди 2)

-пеш аз нашр маводи мусоҳибаи омодакардаашро бо сарчашмаи он мувофиқа намояд; (зербанди 3)

-ҳуқуқ озодиҳо, манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ ва манфиати қонунии ташкилотҳоро эҳтиром кунад; (зербанди 6)

-воситаҳои ахбори оммаро бо мақсади дахолат кардан ба ҳаёти шахсӣ, дидаву дониста нашр кардани хабару маводи бардурӯғ, маълумотҳои туҳмату таҳқиромез, ки шаъну шараф ва эътибори кории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро паст мезананд, истифода набарад. (зербанди 8)

Амал намудааст, масалан:

-сарлавҳаи дигаре, ки дар мақола хитобан истифода шудааст "Али исломӣ мешавад!" нопурра, мазмунун коста ва таҳқиромез дарҷ гардидааст, гуё Бонк амалеро анҷом дода истода бошад, ки хилофи қонунгузори бошад. **Ёдоварӣ!** 26 июли соли 2014, таҳти №1108 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" қабул гардидааст ва тамоми амлҳои Бонк мувофиқи ин ва дигар қонунҳо мебошад.


-матни сархати чоруми мақола, аз ибрози таҳқиромезонаи бархе аз пурсишшудагон нашр шудааст. Назди Бонк савол ҳаст, ки чаро танҳо тарафи манфиро ба чоп расонида бошанд? Магар ин дуруст аст? Бонк низ дар ҳамин мвзуъ бо мизоҷони худ дар робита қарор дошт, вале бештари мизоҷон Бонкро дастгирӣ мекарданд.

-дар сархати панҷуми мақола дарҷ шудааст, ки гӯё роҳбарияти Бонк бо хабарнигорони "Ҳафтаномаи Тоҷикистон" ҳамсуҳбат шуда, оид ба шарҳ додани мавзуъи гузариши Бонк ба фаъолияти бонки исломӣ изҳор намуда бошад. Дар воқеъ касе аз роҳбарони Бонк бо хабарнигорони "ҲафтаномаиТоҷикистон" ҳамсуҳбат нашудаанд. Бонк ҳатто метавонад аз руи вақт ва сана зангҳоро барои исбот тафтиш намуда барояд.

Маълумоти паҳн шулда бе шубҳа шаъну шараф ва эътибори кории Бонкро паст задааст, бинобар ин Бонк аз Ҳафтаномаи Тоҷикистон талаб менамояд, ки тариқи ҳамон воситаҳои ахбори умум маълумоти паҳн шударо рад намуда, маълумоти саҳеҳро ба хонандагон дар таҳрири нав пешниҳод намоед.

Дар акси ҳол Бонкро зарур меояд, ки бо асосҳои боло зикршуда раванди қонунии масъаларо ба роҳ монад.

Далер КАРИМОВ,
и.в. муовини раис



"Тоҷикистон" ҳамсуҳбат нашудааст. Бонк ҳатто метавонад аз руи вақт ва сана зангҳоро барои исбот тафтиш намуда барояд.

Маълумоти паҳншуда бе шубҳа шаъну шараф ва эътибори кории Бонкро паст задааст, бинобар ин Бонк аз Ҳафтаномаи Тоҷикистон талаб менамояд, ки тариқи ҳамон воситаҳои ахбори умум маълумоти паҳншударо рад намуда, маълумоти саҳеҳро ба хонандагон дар таҳрири нав пешниҳод намоед.

Дар акси ҳол, Бонкро зарур меояд, ки бо асосҳои боло зикршуда раванди қонунии масъаларо ба роҳ монад.

Бо эҳтиром,
И.в. Муовини Раис Каримов Далер

Шахси мутасаддӣ оид ба мувофиқ кардани мақолаи нав
Чоршанбиева Зумира
Телефон: 901101727, 501101727

Иҷрокунанда: Шӯрбаҳ ҳуқуқ
Телефон: 001774444

ҲАР СУХАНРО

АЛБАТТА, ИДОРАИ «ТОҶИКИСТОН» МЕТАВОНИСТ БА ИН ПОСУХИ ИҶРОКУНАНДАИ ВАЗИФАИ МУОВИНИ РАИСИ «АЛИФ БОНК», КИ ХАТ ҒАЛАТ, ИМЛО ҒАЛАТ, ИНШО ҒАЛАТ АСТ, ПОСУХ НАГӮЯД. ВАЛЕ ДУ ПОЙРО ДАР ЯК МӮЗА ЗЕР КАРДА, ҶАВОБ ТАЛАБ КАРДАНИ БОНК ВОДОР СОХТ, КИ БА ИН АМАЛ ДАСТ ЗАНЕМ.

Зеро бе шарҳ мондани матни бе сару по маънои ба гумроҳӣ андохтани хонандаро дорад. Албатта, беш аз 70 ғалати имлоии дар як матни кӯтоҳи посухи бонк чойдоштаро як сӯй мегузорем. Ҳарчанд он беэҳтиромӣ ба забони давлатист. Аз шарҳи ҷумлаю ибораҳо ва мантиқи пойдарҳаво худдорӣ мекунем. Ҳарчанд месазад, ки нигоҳе ба онҳо аз назари мактаби мантиқи профессор Шамсиддинов андохта шавад.

«Алиф Бонк»-ро «Тоҷикистон» бонки фурӯғи субҳи ҷавонӣ медонад, ки бо кору пайкори худ IT-технологияро дар низоми бонкӣ ворид намуданаш падидаи тозаест. Дар ин бора мақолаю гузоришҳо ҳам чоп кардааст.

АҶАБ МАНТИҚЕ! «АЛИФ БОНК» ДАР СОМОНАИ БОНК ДАР МАВРИДИ ИСТИФОДАИ КОРТИ VISA ҚОНУНИ ШАРИАТ (ИСЛОМ) ТАДБИҚ МЕКУНАД, ВАЛЕ НАШРИ АКСИ ЯК ЗАНРО ДАР ЛИБОСИ МУСУЛМОНӢ ТАБЪИЗ МЕҲИСОБАД.

Вале мисли ҳар сухану нукта ҳар "падида" ҳам ҷою мақом дорад. Ба "падида" касе ҳуқуқ намедиҳад, ки эътиқоди динии мардумро ба манфиат ва мақсади ниҳонии худ истифода намояд. Шояд «Алиф Бонк» мехоҳад ба фаъолияти бонкии исломӣ гузарад, шояд мехоҳад равзанаи бонкии исломӣ дошта бошад. Аммо чунин нест, зеро иҷозатнома надорад. Ҳатто масъулини он шахсиятҳои вазнашон ба андозаи вазни санги осиёб бошанд ҳам, ҳуқуқ надоранд хилофи "Қонун дар бораи Бонки миллӣ", ки Маҷлиси Олӣ қабул карда ва Президент имзо гузоштааст, амал кунанд.

Шумо дар посухатон ба идораи ҳафтаномаи "Тоҷикистон" аз бемантиқӣ ҳарф зада, заҳмати зиёд кашидед ва се варақро сиёҳ кардаед.

Чун мантиқ таҳқурсии фаъолияти бонкист, биёед аз он ҳарф мезанем. Шумо дар бисмиллоҳи посухатон аз таърихи 6-уми майи соли 2022 менависед:


"Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Алиф Бонк" (минбаъд дар матн - Бонк) эҳтироми худро баён намуда ёдовар мешавад, ки санаи 21 майи соли 2022 дар саҳифаи pressa.tj / alif-bonk-tojikistoni-islomi-mehoxad/ мақолаи бо номи ""Алиф Бонк" Тоҷикистони исломӣ мехоҳад?" пахн гардидааст, ки ҳуқуқҳои Бонкро куллан поймол менамояд.

Замоне, ки як бонки аз нигоҳи мардум муътабар ба идораи рӯзнома мактуб, ё посух менависад, бояд аз мантиқи зикркардаи шумо кор гирад, варна муштарӣ ҳам ба андеша меравад, ки ай, вой, ман бо чӣ гуна бонкире сарукор гирифтам!? Шумо дар номаатон аз таърихи **6 майи соли 2022** дар мақолае менависед, ки гӯё **21 майи соли 2022** чоп шуда бошад. Ҳол он ки, мақола таърихи 21-уми апрели соли 2022 дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ва сомонаи Pressa.tj чоп шудааст. Ку мантиқ? Ё "далел" меоред, ки баъди имзои шумо дар варақи сафед котиба ба чунин хатое роҳ додааст? Тасаввур кунед, барои гирифтани қарз ба мизоҷе ба ҷои 1 миллион 10 миллион навиштед. Оқибаташ чӣ мешавад?

Ин бисмиллоҳи посух ба посухи шумо буд. Чун "Алиф Бонк" хоҳиши ба низоми исломӣ гузаштан дорад, раҳмони раҳимашро ҳам фаромӯш намекунем.

Дар Тоҷикистон низоме ҷорист, ки онро Қонуни асосии ҶТ роҳандозӣ мекунад, дар бонкҳо низоми ягонае ҳаст, ки онро нисбати бонкҳои анъанавӣ ва исломӣ "Қонуни Бонки миллии Тоҷикистон" муайян мекунад. Пас, агар шумо ва дар шахси шумо "Алиф Бонк" эҳтироме ба қонун дошта бошад, чаро пеш аз пода чанг мехезонед? Ҳанӯз иҷозатномаи Бонки миллиро нагирифта, эълон мекунед, ки низоми бонки исломиро ҷорӣ мекунед. Ҳол он ки, "Алиф Бонк" на бонки исломист ва на равзанаи бонки исломиро дорад. Аммо дар сомонаи бонки шумо матни зерин ба забони русӣ чоп шудааст, ки исботи "мусичаи бегуноҳ" будани бонкро собит месозад. Онро айнан иқтибос меорем:

ҶОЕВУ ҲАР НУКТАРО МАҚОМЕ


1 из 1

Важно знать!

Алиф

Уважаемые клиенты, в связи с тем, что Алиф становится исламским банком, некоторые товары или услуги невозможно оплатить картами Visa Алифа. В соответствии с принципами и правилами Шариата на карте установлены ограничения на проведение транзакций по оплате определенных товаров и услуг:

- Развлекательные и увеселительные заведения
  ночные клубы, бары, пабы
- Специализированные магазины по продаже табачной и алкогольной продукции
- Игорные заведения и азартные игры
  ставки, казино, букмекерские конторы, лотереи
- Магазины религиозных товаров
- Магазины музыкальных инструментов, фортепиано и ноты
- Танцевальные залы, студии и школы
- Оркестерские группы и различные артисты
- Страховые продажи, андеррайтинг и страховые премии
- Другие продукты и услуги, запрещенные по Шариату

Обращаем ваше внимание на то, что в случае проведения запрещенных Шариатом платежных операций, банк оставляет за собой право отклонить транзакцию.

Албатта бад аст, ки хоҳиши рӯзномаро пазируфта, ҳамсуҳбат нашудааст, мусоҳиба наоростааст. Аммо хабарнигор қабл аз омодасозии матлаб ба шумораи телефоне, ки дар сомонаи “Алиф Бонк” ҳаст, занг зада, шарҳи расмӣ пурсид, вале хонуме (масъуле) дар посух гуфтааст, ки роҳбарияти бонк вақти суҳбат надорад, баъдтар ба доираи васеи хонандагон шарҳ хоҳад дод. Чунин аст асли воқеа. Чунин ҳам шуд, ки шарҳ дода шуд, аммо на ба “Тоҷикистон”. Худ қазоват кунед, ки айб дар ош аст ё мош?!

Дар мақола тарафҳои мусбати фаъолияти “Алиф Бонк” ҳам зикр ёфтааст. Аммо шумо шояд дониста, онро сарфи назар кардед.

Боз ҳам рӯй меорем ба посухи шумо, ки дар он зикр кардаед: **“сарлавҳаи дигаре, ки дар мақола хитобан истифода шудааст “Алиф исломӣ мешавад!” нопурра, мазмунун коста ва таҳқиромез дарҷ гардидааст, гуё Бонк амалеро анҷом дода истода бошад, ки хилофи қонунгузори бошад.”**

Аввалан, ин ҷумла сарлавҳа не, зерсарлавҳа аст. Дигар, кучои он нопурра, коста, таҳқиромез мебошад? Хоҳиш, бори дигар ҳамин бандро шарҳ диҳед! Вақте, ки бонк низоми бонкии исломиро қабул кард, маълум аст, ки бонки исломӣ мешавад. Ё аз нигоҳи шумо ҳамчун бонки маъмулӣ боқӣ мемонад? Агар исломӣ шуданро ба худ таҳқир донед, пас чаро ин низоми бонкиро интихоб мекунед? Мехоҳед бо як тир ду нишон занед?

Дар охири посух пешниҳод кардаед, ки боз ҳам моро ба мантиқи мактаби профессор Шамсиддинов мебарад, ки аз ӯ баҳои мусбат гирифтан кори осон набуд:

“Маълумоти паҳн шуда бе шубҳа шаъну шараф ва эътибори кории Бонкро паст задааст, бинобар ин Бонк аз Ҳафтаномаи Тоҷикистон талаб менамояд, ки тариқи ҳамон воситаҳои ахбори умум маълумоти паҳн шударо рад намуда, маълумоти саҳеҳро ба хонандагон дар таҳрири нав пешниҳод намоед” *(айнан)*.

Инак, мо маълумоти саҳеҳро, ки дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон чоп шудааст, пешниҳод мекунем.

Бубинед, шумо дар банди аввал навиштаед, ки мутобиқи қонуни шариат дар корти visa - Алиф маҳдудиятҳо барои гузаронидани транзаксия (муомилот) чиҳати пардохти молу хизматрасониҳо ҷорӣ шудааст ва рӯйхати онҳоро зикр кардаед.

Албатта, мувофиқи қонун ҳеҷ кас ҳуқуқи бонкро дар мавриди анъанавӣ ё исломӣ будан манъ карда наметавонад. Вале як нукта барои мо норӯшан аст: агар бонки исломӣ марбути давлатҳои исломӣ ва маблағаш аз хориҷа ворид гашта бошад, ин нукта фаҳмост. Вале “Алиф Бонк” - ку тоҷикист ва ҳанӯз Тоҷикистон исломӣ нест. Ё ин бонк хориҷист ва бо маблағҳои аз хориҷа омада бунёд шудааст?

Ин кори дохилии ”Алиф Бонк” аст ва “Тоҷикистон ”-ро ба он ғаразе нест.

Аммо “Алиф Бонк” иҷозатномаи Бонки миллиро надорад, вале дар корташ низоми Шариат (исломӣ)-ро ҷорӣ кардааст. Ку мантиқ?!

Шумо менависед, ки дар мақола **“акси зани ҳиҷобпуш инъикос ёфтааст. Ин маълумот миёни хонандагон ва муштариёни Бонк табъизро ба вуҷуд оварда ба шаъну эътибори кории Бонк таъсири манфӣ расонидааст”.**

Аҷаб мантиқе! Шумо дар сомонаи бонк дар мавриди истифодаи корти visa қонуни шариат (ислом) тадбиқ мекунед, вале истифодаи акси як занро дар либоси мусулмонӣ табъиз (дискриминация, анг. discrimination) меҳисобед. Шояд маънии калимаи табъизро бароятон нодуруст шарҳ доданд? Агар аз эътиқоди мардуми мусулмон истифода бареду либоси мусулмониро қабул надошта бошед, ҳадаф аз гузаштан ба низоми исломии бонкдорӣ дар чист?


Ку мантиқ?!

Шумо менависед, ки **“тамғаи молии Бонк бе иҷозати Бонк истифода шудааст...”.** Аммо намегӯед, ки ба кадом мақсад: манфиат бардоштан, аз номи шумо ба фаъолияти бонкӣ машғул шудан, тарғиби фаъолият... ё мушаххас кардани бонке, ки дар бораш дар мақола сухан меравад? Ба иштибоҳ андохтани муштарӣ дар ислом гуноҳ аст. Бояд хонанда донад, ки сухан дар бораи кадом бонк меравад. Нишони фарқкунандаи бонк тамғаи он аст. Ва истифода аз он ба он хотир сурат мегирад, ки хонанда донад, ки сухан дар бораи кадом бонк меравад.

Инро бояд шуъбаи ҳуқуқ ва маркетинги бонк хуб донад! Агар надонанд, рӯзнома метавонад дар шумораи оянда дар бораи истифодаи тамғаи молӣ мақолае омода кунад ё мусоҳибаеро бо мутахассиси соҳа анҷом диҳад.

Зимнан, шумо зикр мекунед, ки ”**-дар сархати панҷуми (?) мақола дарҷ шудааст, ки гӯё роҳбарияти Бонк бо хабарнигорони “Ҳафтаномаи Тоҷикистон” ҳамсуҳбат шуда, оид ба шарҳ додани мавзуъи гузариши Бонк ба фаъолияти бонки исломӣ изҳор (?) намуда бошад. Дар вокеъ касе аз роҳбарони Бонк бо хабарнигорони “Ҳафтаномаи Тоҷикистон” ҳамсуҳбат нашудаанд”.**

АЗ СОМОНАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН



ВОБАСТА БА МАҲДУДИЯТҲОИ ҶСК “АЛИФ БОНК” ТИБҚИ ПРИНСИПҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИСЛОМӢ

Бонки миллии Тоҷикистон дар робита ба манъи хизматрасонии баъзе мол ва маҳсулоти (тавассути корти Visa) тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ, ки тавассути сомонаи расмии ҶСК “Алиф Бонк” эълон шуда, дар васоити ахбори омма сарусадоҳои зиёдеро ба миён оварда, чунин иттилоъ медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки ба ҳолати 31.03.2022 дар кишвар 1 адад бонки исломӣ ва 2 адад равзанаи бонкии исломӣ фаъолият карда истодааст. Аз он ҷумла, аз моҳи сентябри соли 2019 ҶСК “Тавҳидбонк” ҳамчун аввалин бонки исломӣ барои амалӣ намудани фаъолияти бонкии исломӣ иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро ба даст оварда. Дар оғози соли 2020 бошад, ба ҶСК ТАҚҲ “Ҳумо” ва ФҚҲ “Имон” барои амалӣ намудани фаъолияти бонкии исломӣ тавассути “Равзанаи бонкии исломӣ” иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон дода шуд.

Ба маълумот мерасонем, ки ҶСК "Алиф Бонк" 28.10.2021, №1205 ба Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба оғоз намудани ҷараёни табдилёбӣ аз бонки анъанавӣ ба бонки исломӣ бо бастаи хуҷҷатҳо дархост ирсол намуд. Дархости ҶСК "Алиф Бонк" мавриди омӯзиш қарор дода шуда, барои бартараф намудани баъзе аз норасоиҳо бастаи хуҷҷатҳо баргардонида шуд.

Санаи 18.04.2022 дар сомонаи ҶСК “Алиф Бонк” ба таври расмӣ оид ба маҳдудиятҳо маълумот ба нашр расонида шуд, ки дар воситаҳои ахбори омма, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ мавриди муҳокимаи васеъ қарор гирифт. Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади дастрас намудани посухҳои асоснокшуда бо мактуб (20.04.2022, №05-417) ба ҶСК “Алиф Бонк” муроҷиат намуда, вазифадор намуд, ки Бонк вобаста ба асосноки ва сарчашмаи маҳдудиятҳои гузошташуда нисбат ба баъзе мол ва хизматрасониҳо дар муддати кӯтоҳи вақт маълумоти мушаххас ирсол намояд.

Тавре дар мактуби ҷавобии ҶСК “Алиф Бонк” омадааст, роҳбарияти Бонк бо назардошти вазъи бозор ва эътирози баамаломадаи мизоҷон нисбат ба маҳдудиятҳои эълоннамудаи ҶСК “Алиф Бонк”, масъалаи мазкурро бо Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломии ҳуди ташкилот мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар натиҷа, роҳбарияти ҶСК “Алиф Бонк” ва Кумита ба мувофиқа омаданд, ки бинобар ғайриимкон будани таъмини назорати ҳамаҷонибаи мутобиқатии амалиётҳои дар поён овардашуда бо принсипҳои маблағгузории исломӣ, риояи маҳдудият аз рӯи амалиётҳои мазкур ба зиммаи ҳуди мизоҷон гузошта шуда, маҳдудият аз рӯи амалиётҳои зерини қаблан эълоншуда аз байн бардошта шавад:

- *мағозаи асбоби мусиқӣ, фортепиано ва нотаҳо;*
- *гуруҳҳои оркестрӣ ва ҳунармандони гуногун;*
- *фурӯши суғуртаҳо, андеррайтинг ва пардохтҳои суғуртавӣ;*
- *мағозаҳои маҳсулотҳои динӣ.*

Гузаронидани амалиётҳои пардохтии дигар молу хизматрасониҳо, дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” ва принсипҳои маблағгузории исломӣ ба танзим дароварда мешавад.

P.S.

Ба идораи “Тоҷикистон” номаҳои зиёде ба иртиботи мақолаи мазкур ворид шудаанд. “Тоҷикистон” тасмим дорад ин мавзӯъро идома диҳад ва ба саволҳои дигаре, ки нисбати “Алиф Бонк” ворид шудаанд, ҷавоб пайдо кунад. **РИБО** *дар бонкҳои исломӣ ва равзанаҳои исломии бонкҳои Тоҷикистон низ мавриди тадқиқоти ҳафтаномаи “Тоҷикистон” қарор хоҳад гирифт.*

“ТОҶИКИСТОН”

УҚОБИ БАЛАНДПАРВОЗ

Ҳунармандони тоҷик аз «Голливуд»-у «Болливуд» камӣ надоранд...,- мегӯяд Сайёра Сафарӣ

Суханони “Ту тоҷикӣ, ту метавонӣ” боли уқоби баланпарвози Сайёра шуданд.



Москва ба ашк бовар намекунад!

Солҳои аввали таҳсилу зиндагӣ дар Москва барои Сайёра душвориҳои зиёде пеш меомад. Зеро ҳаёти як донишчӯдухтаре, ки аз кишвари дур омадааст ва дар муҳити бегона ба таҳсилу зиндагӣ пардохтааст, якрангу осон набуд. Бехуда намегӯянд: “Москва слёзам не верит...”. Одатан, онҳое, ки аз минтақаҳо ба бузургшаҳрҳо меоянд, дар аввал ба мушкилоти зиёд дучор мешаванд. Ҳолатҳои зиёде низ буданд, ки ӯро тоҷик гуфта, бо нигоҳи дигар назар меандохтанд. Аммо чизе, ки инсонро намешиканад, ӯро пуркувват месозад. Пас аз ин Сайёра ба ҷои афсурдаҳолӣ ҳаракат мекард, ки хубтару беҳтар кор кунад, то нишон диҳад, ки аз онҳо афзалият дорад. Оре, руҳияи шикастнопазирӣ ва ҳисси хештаншиносӣ дар ин духтараки ҳунарманди тоҷик побарҷост!

Умуман, Москва барои Сайёра мактаби бузурги одамият ва имтиҳони ҷиддие дар зиндагӣ буд. Дар филмҳои нақшофаридааш низ бештар дар ҳамин бора қисса мекунад. Яъне чӣ тавр инсонҳо ба бузургшаҳрҳо омада, мушкилоти сангинеро паси сар менамоянд ва дар бисёр мавридҳо дар охир муваффақ низ мешаванд.

«Ты же таджичка, ты можешь»

Яке аз сериалҳое, ки бештар Сайёраро ба тамошобинон муаррифӣ намуд, ин иҷрои нақши марказии Гюлчитай дар филми ҳамноми коргардони машҳури рус Роман Просвирнин буд. Сериали мазкур соли 2011 ба навор гирифта шуд. Дар озмун духтарони зиёд - русҳо, қафқозиҳо, ӯзбекҳо ва намояндагони миллатҳои дигар низ иштирок намуданд. Аммо нақши асосӣ ба Сайёраи мо насиб гардид. Филми мазкур дар Қазоқистон наворбардорӣ шуд.

- Зимни банаворгирии филм ба ман лозим омад, ки аспсаворӣ, дар танӯр нон пухтан, говҷӯшӣ ва ғайраро аз худ намоям ва бори аввал иҷро кунам. Коргардонҳо мегуфтанд: «Ты же таджичка, ты можешь». Ман ба онҳо мефаҳмонидам, ки ман тоҷикдухтари шаҳриям ва дар шаҳр бузург шудам. На ҳар тоҷикдухтар дар сар токӣ монда, ба говҷӯшию нонпазӣ ва корҳои дигари саҳроӣ машғул шуда метавонад...,- мегӯяд ӯ.

Ҳасад – санги сари роҳ

Вақте филми машҳури «Бандии Қафқоз»-ро ба навор гирифтанӣ шуданд, ба Душанбе, ба Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ занг заданд ва дархост намуданд, ки ҳунарпешаи тоҷик Сталина Азаматоваро ба Москва фиристанд. Зеро дар симои ӯ, ки то ин замон дар чандин филмҳо нақш офарида буд, коргардон Нинаи худро медид. Аммо ҷавоб чунин буд:

- Сталина дар «декрет» аст, ӯ ба Москва рафта наметавонад...

Ҳол он ки, С. Азаматова дар ягон хел рухсатӣ набуд ва метавонист дар ин филм, ки шуҳрати чаҳонӣ касб намуд, нақши марказиро офарад ва бо ин васила номи миллати моро бори дигар дар таърихи синамои шӯравӣ ба таври шоиста қайд намояд. Аммо бахилию ҳасад сабаб шуд, ки аз ин чиз ҳунарпеша бехабар монд ва ин нақш ба Наталя Варлей насиб гардид.

- Агар Сталина Азаматова дар ин филм нақш меофарид, барои мо тоҷикон дар он замон ва дар оянда низ роҳи бештар ба санъат боз мешуд. Зеро тоҷикон бо истеъдод ва маҳорати худ аз дигарон фарқ доранд ва мо бояд инро пайваста хотиррасон намоем,- мегӯяд Сайёра.

Нотавонбинӣ маризиест, ки оқибатҳои ногувор дорад ва чунин инсонҳо бояд пеш аз ин амал фикр намоянд, ки то чӣ ҳад метавонанд барои ояндаи ҷомеаи худ хатарзо бошанд... Аммо афсӯс, ин чизҳо ҳоло чой доранд.

Варзиш, рақс ва забономӯзӣ

- Зиндагии мо ба зиндагии маҷозие монанд шудааст, ки ҳамагон ҳар рӯзи ҳаёти худро дар “Инстаграм” ва ғайраҳо тарғиб менамоянд. Албатта дар кори интихоб намудаи мо ин чизҳо низ заруранд, аммо ман то ҳол аз “Инстаграм” ва шабакаҳои иҷтимоӣ қариб ки истифода намебарам. Ситора шудан осон аст, аммо шуҳратро на ҳамагон бардошта метавонанд. Ман варзиш ва рақсро дӯст медорам. Ҳамзамон ба омӯзиши забонҳо шавқи махсус дорам. Забони англисиро низ медонам ва аз забонҳои фаронсавию итолиёвӣ, ҳуруфи форсӣ низ бохабарам. Яъне ба ҷои истифодаи “Инстаграм” бештар вақти худро дар интернет ба забономӯзӣ сарф менамоям.

Шиори Сайёра ин аст: “Ҳар рӯз биомӯз!”. Яъне, ба ақидаи ӯ, беҳтарин саҳмгузории инсон саҳмгузорӣ ба рушди шахсиаш аст. Инсон бояд некбин бошад ва пайваста аз болои худ кор карда, камбудиҳои худро ислоҳ намояд.

Душанбеи дигар

- Ҳар замоне, ки ба зодгоҳам, шаҳри кӯдакиҳоям - Душанбе бармегардам, ҳиссиёти аҷибе маро фаро мегирад. Душанбеи мо хеле иваз шудааст, биноҳои хуштарҳу замонавӣ қомат афрохтаанд. Ин лолаҳои рангоранге, ки ҳастанд, ҳамагонро мафтун сохтаанд. Ҳатто лолаи сиёҳ низ меруяд, ки онро дар Голландия ҳам дучор нашудаам. Албатта хуб мешуд, ки сатҳи зиндагии мардум низ боло равад, то онҳо барои кор ба хориҷа наравванд ва меҳнату заҳмати худро барои ободии Ватан сарф намоянд. Ҳамзамон, ба санъат бояд таваҷҷуҳи махсус диҳем, зеро бо он иқтидор ва истеъдоде, ки мо тоҷикон дорем, бояд хеле ва хеле пешрафта бошем. Ҳунармандони мо аз актёрони «Голливуд»-у «Болливуд» ягон камие надоранд,- мегӯяд Сайёра.

Насрулло ТУЙЧИЗОДА

Сайёра зодаи шаҳри Душанбе буда, пас аз хатми мактаб ба Омӯзишгоҳи олии театрии ба номи М. С. Шепкини Москва дохил шуд ва онро бо ихтисоси актёрӣ хатм кард.

Онҳо дар оила чор фарзанд буда, бо амри тақдир ҳамаашон дар гӯшаҳои гуногуни дунё зиндагӣ доранд. 14 сол аст, ки Сайёра дар Маскав зиндагӣ дорад. Ҳоло дар як мелодрамаи ҳарбии русӣ нақши ҳамшираи шафқат Олгаро иҷро карда истодааст. “Оқибат тоҷикдухтар нақши русдухтарро низ иҷро намуда истодааст”,- механдад ӯ.

Зимни мактабхонӣ аслан пешаи актёриро интихоб кардан набуд. Орзу дошт ҳуқуқшинос, журналист ва ё пизишк шавад. Синфи 10 мехонд. Бо апааш Ситора - наттоқи телевизион, ки дар сериали эронии «Дар чашми бод» нақши марказиро низ иҷро намуда буд, ба кастинг рафт. Мақсади Сайёра Ситораро ҳамроҳӣ намудан буд, на ин ки иштирок дар озмун. Вақте апааш баромад, ба ӯ рӯ оварда, гуфтанд: “Духтарак, тезтар дароед, мо ҳозир тамом мекунем”.



Сайёра ҳайрон монд, аммо Ситора ӯро талқин намуд, ки иштирок намояд ва худро озмояд. Сипас, ба ӯ занг зада, табрик намуданд, ки дар озмун муваффақ шудааст ва дар «Мосфилм» нақш мебозад. Ҳамин тариқ, роҳи ӯ ба санъати актёрӣ боз гашт ва пас аз хатми мактаб аз Душанбе ба Москва раҳсипор шуд. Ба Институти актёрии ба номи Шепкин дохил шуда, тӯли чор сол аз устодони соҳа нозукиҳои касбро омӯхт.



Ҳоким Холиқзода:

БАРОИ САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ ШАРОИТ ФАРОҲАМ АСТ





Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло бо ҳайати соҳибкорону сармоягузорони ҳайати Ҷумҳурии Мисри Араб бо роҳбарии ҷаноби Осама Муҳамед Камол, ки бо сафари корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштанд, мулоқот анҷом дод. Ҳайати соҳибкорону сармоягузорони Ҷумҳурии Мисри Арабро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагони ҶДММ "Elshatri" ҳамроҳӣ карданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ташрифи намояндагони ширкати мазкурро рӯйдоди муҳим ва заминаи нави мусоид барои тақвият бахшидани рушди ҳамкориҳо дар сатҳи нав миёни ҳарду кишвар, ки аз сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Мисри Араб маншаъ мегирад, арзёбӣ намуд. Зикр карда шуд, ки феълан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармояи мустақим ва фаъолияти озоду бемамониати сармоягузорони хориҷӣ дар бахши иқтисодиёт, аз ҷумла низоми бонкӣ шароити созгор ва заминаи меъёрию ҳуқуқии мукаммал фароҳам оварда шудааст.

"Ҷалби сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои қобили таваҷҷуҳ буда, роҳандозии ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Мисри Араб дар самти сармоягузорӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои гуногун ва сармоягузории бахши бонкӣ ва суғурта ба мақсад мувофиқ мебошад", - қайд кард Ҳоким Холиқзода.

Ҷаноби Осама Муҳамед Камол дар навбати худ барои пазироии самимӣ изҳори миннатдорӣ намуда, ҳавасмандии худро ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд ва имкониятҳои сармоягузорӣ дар бахшҳои иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла низоми бонкӣ баён дошт.

Зимни мулоқот махсус масъалаҳои марбут ба кушодани намояндагиҳо ва филиалҳои бонкҳои Мисри Араб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имконияти саҳмгузорӣ ба сармояи бонкҳои Тоҷикистон аз ҷониби сармоягузорони ин кишвар, кушодани ташкилотҳои суғуртавӣ, ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни бонкҳои марказии Ҷумҳурии Мисри Араб ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои гуногуни низоми бонкӣ мавриди баррасии ҷонибҳо қарор гирифтанд.

"ТОҶИКОН"-И БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Семинари илмӣ-оммавӣ дар БМТ



Дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки муовини раиси ин ниҳод Толибзода Фирдавс Назримад, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири шуъбаи таърихи мусосири Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдулло Ғафуров ва аҳли кормандони Бонки миллии Тоҷикистон дар робита ба омӯзиши шоҳасари "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров семинари илмӣ-оммавӣ доир гардид.

Толибзода Фирдавс чорабиниро хусни оғоз бахшида, қайд кард, ки семинари имрӯза дар такя ба иқдомҳои созандаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини зимоми давлатдорӣ ба худшиносии миллӣ ва эҳёи фарҳангу арзишҳои миллӣ арҷ гузошта, дар баробари эҳёи урфу одат ва анъанаҳои ниёгон, инчунин, ба шахсиятҳои таърихӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.

Зикр карда шуд, ки Бобоҷон Ғафуров барои навиштани шоҳасари худ "Тоҷикон" беш аз 2000 сарчашмаҳои дохилӣ ва хориҷӣ, монография, брошюра ва мақолаҳои илмиро самаранок истифода кардааст, ки чун шиносномаи халқи тоҷик барои асрҳои оянда хизмат менамояд. Ҳамин тавр, дар натиҷаи заҳматҳои бисёрсолаи худ дар соҳаи илм академик Бобоҷон Ғафуров исбот намуд, ки халқи тоҷик қадимтарин халқи Осиёи Миёна ва ориёӣ мебошад.

Сардори Шуъбаи тарҷумаи Дастгоҳи Роҳбарияти БМТ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Султон Ҳасан Баротзода ва Раиси Шӯрои ҷавонони Бонки миллии Тоҷикистон Абдулқайси Саидҷаббор дар идомаи семинари илмӣ-оммавӣ оид ба нақши китоби "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров, ки муаррифгари таъриху тамаддуни куҳанбунёди миллати тоҷик буда, дар худшиносии миллӣ мусоидат мекунад, иброз назар карданд.

ҷиҳати арҷ гузоштан ба таърихи халқу миллат ва тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ, ҳамзамон иҷрои дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Раҳмон Озода Эмомалӣ оид ба омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик - шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби "Тоҷикон" роҳандозӣ карда шуд.

"Бешубҳа, китоби "Тоҷикон" барои болоравии худшиносӣ ва худогоҳии миллии халқи мо такони ҷиддие гардид. Арзиши илмии ин асари бунёдӣ бениҳоят бузург аст ва Бобоҷон Ғафуров бо заҳмати чандинсолаи худ мардуми ҷаҳонро бо саҳифаҳои таърихи рангини халқи тоҷик ошно кард", - таъкид намуд Толибзода Фирдавс.

Абдулло Ғафуров зимни суханрониаш қайд кард, ки



МУЛОҚОТИ РАИСИ БМТ БО ҲАЙАТИ БАТР

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло бо ҳайати Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) таҳти директории идорӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хонум Жужанна Харгитай, роҳбари Намояндагии БАТР дар Тоҷикистон хонум Рика Ишии ва директори минтақавии БАТР дар Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон хонум Айтен Рустамова мулоқот доир намуд.

Дар рафти вохӯрӣ вазъи феълии ҷаҳонӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳамкориҳои пурсамар ва дастгирии доимии БАТР дар рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон, аз ҷумла дар бахши низоми бонкӣ мавриди муҳокимаи ҷонибҳо қарор гирифт.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ба ҳайати БАТР барои ҳамкории самарабахши бисёрсола ва дастгирии доимӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар, бахусус пешниҳоди кумакҳои молиявию техникӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори миннатдорӣ намуда, қайд кард, ки дар натиҷаи ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд давоми чанд соли охир аз ҷониби БАТР ба иқтисодиёти Тоҷикистон беш аз 800 млн евро сармоягузорӣ карда шуд.

Директори идории БАТР барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хонум Жужанна Харгитай дар навбати худ аз ҳамкории пурсамари ҷонибҳо изҳори қаноатмандӣ намуда, ба вазъи молиявӣ, аз ҷумла низоми бонкии Тоҷикистон дар давраи буҳронӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Мавсуф изҳор дошт, ки аз рӯи натиҷаи омӯзиши вазъи феълии минтақа аз ҷониби коршиносони БАТР бо назардошти таҳримҳо, имкониятҳои ҳамкорӣ дар самти ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотӣ баррасӣ карда мешаванд. "То ҳадди имкон мо кӯшишҳои худро дар ин самт дучанд мегардонем ва ин масъала дар дафтари асосӣ мавриди омӯзиш қарор хоҳад гирифт", - зикр намуд хонум Жужанна Харгитай. Мавсуф ҳамзамон ташаккули иқтисодиёти сабз, тақвият додани идоракунии корпоративӣ, рушди низоми суғурта, такмил додани қонунгузории соҳаи бонкиро барои дурнамои ҳамкорӣ самтҳои афзалиятнок хонд.

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕХАРЕМ

► Холодилникҳо, кондитсионерҳо, телевизорҳо, қолинҳо ва мебел. Тел: 987-83-83-25, 905-10-27-31.

ИҶОРА МЕДИҲАМ

► 3-ҳуҷрагӣ, табдилдодашуда ба 4-ҳуҷрагӣ, қабати 3, обу барқ доимӣ, таъмири аврупой, бо ҳамаи шароитҳояш, суроға: Шаҳраки ҳарбӣ (Военный городок). Тел: 931-46-02-07.

САЛОМАТӢ

► Холу озаххоро бе ҷарроҳӣ мегирем. Тел: 904-61-43-34.

ОМӮЗИШ

► Нақшакашӣ, расмкашӣ, кумак ба довталабони донишгоҳҳо. Тел: 934-11-22-65.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 116, ҳуҷраи 37 ба номи Абдуллоева Олуфта Содиковна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С. Раҳимов соли 2020 ба Сафархони Амрохон додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира тахти феҳрести 1Ш-248 аз 04.05 соли 2017, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода бо суроғаи шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 4, бинои 22, ҳуҷраи 7 ба Мирзорачабова Фарангис Зафаровна дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0011418-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2005 ба Ҳабибова Сабоҳат Сафиувлоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи даҳуми №А203709-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и шаҳри Норак соли 1989 ба Гильфанова Ирина Нуруллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи даҳуми В/БН№552794-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21-и ноҳияи Варзоб соли 1978 ба Раҷабов Тоҷиддин Сиюнович додааст, беэътибор дониста швад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А03077803-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансур 30.01 соли 2020 ба Атабаева Шахноза Эркиновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми А153864-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №113-и ноҳияи Рӯдакӣ 18.06 соли 1993 ба Туева Муясархон Абдуллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти феҳрести 1Ш-745 аз 06.06 соли 2013, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Мичурин, хонаи 3, ҳуҷраи 2 ба Хамдамова Махбуба Мирзожоновна дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши қисми хонаи истиқоматӣ тахти феҳрести 9Д-540 аз 25.05 соли 2000, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Айнӣ, хонаи 44 ба Холов Хабибуло Достиевич дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми А №092978-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50-и ноҳияи Сино соли 1994 ба Носиров Манучеҳр Фахриддинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи мероси №2М-234 аз 06.10 соли 2015, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ 23/3, ҳуҷраи 21 ба Абдурахмонов Муҳамат А. додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2018 ба Ятимов Сорбонҷон Маҳмадрасулович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикситон соли 2021 ба Исмоилов Усмонали Алишерович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2019 ба Мусоев Хусрав Рустамбекович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии АБ №0084042-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ноҳияи Шаҳринав соли таҳсили 2005-2006 ба Ҷалилова Рухшона Нуруллоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти феҳрести 8Д-811 аз 13.02.2001, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Гипразем, хонаи 30/1, ҳуҷраи 11 ба Чачаев Мухамадшо Шайратшоевич дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти феҳрести 8Ш-2253 аз 14.06.3011, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ва шиносномаи техникии хонаи зикргардида бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Юсуф Вафо, хонаи 79, ҳуҷраи 135 ба Чачаев Мухамадшо Гайратшоевич дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ тахти феҳрести 6Д-3Д аз 14.01 соли 2005, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Файзободи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи ноҳияи Файзобод, ҷамоати деҳоти Минскобод, деҳаи Заркамар ба Саидов Нурмахмад Шоевич дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-ШТУ №0348500-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и ноҳияи Хуросон соли 2010 ба Шодимуродов Муҳамадумар Шарифалиевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо реестри №4363 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Деҳнаваки поён, хонаи №42 ба номи Холова Басби, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Васиятнома тахти феҳрести 16 Г - 683 аз 09.04 соли 2019, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе аз номи Кариева Зиёда Мирзоева ба номи Каримова Насиба Хасановна ва Каримов Далер Хасанович тасдиқ карда шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи БТ №510281 бо рақами қайди №58-и гумшуда, ки онро Техникуми геологии шаҳри Душанбе 15-уми апрели соли 1984 ба Пулатов Узоқ додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0254362 бо рақами қайди №2191-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2020 ба Умарова Малоҳат Хуршедовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ 30, ҳуҷраи 27 ба номи Қодирова Сурайё Музаваровна, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии Д18192-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2018 ба Шарофов Мустафо Анварович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ №0228618 ва Иқтибос ба номи Расулов Комрон Маҳмадалиевич, РЯМ: 0331311943, РМА: 185201563, санаи судур 05.04 соли 2016, аз тарафи Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми А-АТУ №0643610-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №92-и ноҳияи Сино соли таҳсили 2018-2019 ба Ҳикматова Мафтуна Маҳмадулоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми А-АТУ №0352063-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №92-и ноҳияи Сино соли таҳсили 2009-2010 ба Шарипова Зарнигор Джурабековна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ 57/1, ҳуҷраи 54 ба номи Нозимов Суҳроб Ҳоҷибекович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ тахти феҳрести №1ш-2370 аз 30.12 соли 2020, ки онро нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Алочабоф (собиқ Рӯдакӣ ҷ/д Россия, д. Алочабоф) ба Кодиров Солижон Тухтасинович додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0155210 бо рақами қайди №1269-и гумшуда, ки онро Литсейи касбии техникии сохтмонии шаҳри Душанбе соли 2021 ба Абидзода Фаррух Ҳасан додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира бо реестри №29Б-216-и гумшуда, ки онро нотариуси давлатии архиви Идораи нотариалии назди Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13-уми июли соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Шестопалов 24, ҳуҷраи 12 ба Салимов Пирмахмад Сангалиевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми АБ№092680-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Сино соли 1996-1997 ба Чутова Дилафруз Бахромовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми АN№251434-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Сино 16-уми июни соли 1995 ба Файзуллоев Обиджон Ҳабибович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи хориҷӣ бо силсилаи№403496259 ба номи Мирҷонов Каримҷон Мирҷонович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи даҳуми №61057585-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 1984 ба Парпиева Зульфия Атажановна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Кабилов Азиз, РЯМ: 0230083233, РМА: 025352075, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТА №1217027-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Сино соли 2021 ба Низомов Сироҷиддин Фаридунович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ронандагии дараҷаи С, ки онро ҶДММ "Мусоввир ММ" дар ноҳияи Рӯдакӣ 11.11 соли 2013 ба Шеров Нуриддин додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Кооперативи тиҷоратии "Рахматуло 3", РЯМ: 3310009075, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома, иқтибос, ИНН ҶДММ "Зулайхо 2015" №0276978, РЯМ: 3310010846, РМА: 330014392, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҷ. Балхӣ 10.03 соли 2016 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҳафизоф Ҳусейн Карокатулоевич, РЯМ: 3330083818, РМА: 335592704, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҷ. Балхӣ додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дархости гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2018 ба Асроров Ҳоҷиакбар Махсатуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2021 ба номи Қурбонзода Фаридун Ҳасан додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми АБ №048310-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии№52-и ноҳияи Шоҳмансур 17-уми июни соли 1998 ба Маматкулова Марифат Абдулмаджидовна додааст, беэътибор дониста шавад.



БАРҲАМ МЕХУРАД

► ҶДММ “Ситораи Само" №0267409, РЯМ: 0110027125, РМА: 010103419, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ “Коргузор" №0267059, РЯМ: 0210028235, РМА: 020053272, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization advocating for change and connecting countries to knowledge, experience and resources to help people build a better life. We are on the ground in 177 countries, working with them on their own solutions to global and national development challenges. UNDP has been on the ground in Tajikistan since 1994. UNDP's Programme in the country consequently represents a broad spectrum of activities, including Poverty reduction; Good governance; Crisis prevention; Energy and environment and Reducing burden of HIV/AIDS, Malaria and Tuberculosis

Empowered lives. Resilient nations.

UNDP TAJIKISTAN IS SEEKING TO RECRUIT:

- **Project Manager (NPSA-10); Duty Station:** Dushanbe; **deadline for applications: 6 June 2022**
- **National Consultant on implementation of civil works/ Национальный консультант по строительным работам (Хатлон)". UNDP Green Energy Small Medium Enterprises (SMEs) Development Project: IC National; Duty Station:** Kulob, Tajikistan; **Deadline: 9 June 2022;**
- **National consultant on conducting hydrometeorological hazard assessment/ Национальный консультант по проведению оценки гидрометеорологических явлений UNDP/Strengthening community resilience to climate-induced disasters through nature-based solutions in Tajikistan Project: IC National; Duty Station:** Kulob/Dushanbe, Tajikistan; **Deadline: 9 June 2022;**


For detailed Job Descriptions and instructions for submission of applications please visit our website: **www.tj.undp.org > Operations>Job. Applications** without the completed application form will be treated as incomplete and will not be considered for further assessment.
Only shortlisted candidates will be contacted. Qualified female candidates are strongly encouraged to apply. To stay updated on our Vacancy Announcements please join us on Facebook:**http://www.facebook.com/pages/RecruitmentUNDP-Tajikistan/141125059321554**

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Нимаи аввали ҳафта диққати худро барои бартараф сохтани мушкилоти иқтисодӣ равона созед. Бо шарофати ҷӯяндагӣ ва корчаллонӣ мушкилоти пулӣ рафъ мегардад. Ҳафтаи хубест барои пайдо намудани ҷойи кор ва пешравӣ дар вазифа.



Савр
21.04 - 21.05

Нафароне, ки ба илмомӯзӣ машғуланд, муваффақ гашта, доираи ҷаҳонбинияшон васеъ мегардад. Барои ба сафар баромадану ба саёҳат омодагӣ дидан ҳафтаи мусоид аст. Барои расидан ба мақсад аз ҳад зиёд фаъолнокӣ нишон дода, дӯстону шарикони кориро метарсонед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Нимаи аввали ҳафта қобилиятҳои равониятон зиёд гашта, аз мақсаду ниятҳои пинҳонии атрофиён бохабар мегардед. Нақшаву ниятҳоятонро на ҳама қабул доранд ва маҷбур мешавед, ки аз баҳри баъзе корҳо гузаред.



Саратон
22.06 - 23.07

Барои рафъ намудани хастагӣ нағзакак истироҳат карданатон лозим аст, ба ҳеҷ ваҷҳ уҳдадориҳои иловагиро ба дӯши худ нагиред. Дар муносибатҳои заношавҳарӣ ранги тоза ворид мегардад. Нохушиҳои ба саратон омада ба шарте итмом меёбанд, ки зиракиву ҳушёриро пеша намоед.



Асад
23.07 - 22.08

Аввали ҳафта барои пешгирӣ намудани бемориҳои музмин мусоидат мекунад. Аз пайи ташхиси бемориҳо шуда, табобатро сар кунед. Вақте расидааст, ки дар фикри тақвият додани масунияти бадан шавед. Нисбати камбудиҳои дӯстдоштаатон таҳаммул намоед.



Сумбула
23.08 - 22.09

Нафарони оиладоре, ки муносибатҳояшон бо волидони ҳамсафари ҳаётӣ чандон хуб нест, дучори муноқишаву низоъҳои оилавӣ мегарданд. Бадии кор дар он аст, ки барои ислоҳи вазъият коре карда наметавонед. Нимаи дуюми ҳафта сафару саёҳатро ба нақша гиред.



Мизон
25.09 - 22.10

Нимаи аввали ҳафта бо ободонии хонаву дар ва замини наздиҳавлигӣ машғул шавед. Камбудиҳои рӯзгорро бо кумаки аъзои оилаатон бартараф карда метавонед. Нимаи дуюми ҳафта бо масъалаҳои молиявӣ машғул шуданатон лозим меояд.



Ақраб
23.10 - 22.11

Нимаи аввали ҳафта бобати муносибати худ нисбати атрофиён андеша намоед. Робитаатонро бо нафароне, ки вақтҳои охир муносибати сард доред, канданатон беҳтар аст. Нисбати дӯстдоштаи худ ботаҳаммул бошед, ба ташаббусҳояш монеа эҷод накунед.



Қавс
25.11 - 21.12

Нимаи аввали ҳафта диққати худро барои рафъи масъалаҳои молиявӣ равона созед. Аз рӯйи нақша амал намуда, ба натиҷаи дилхоҳ расидан муяссаратон мегардад. Давраи бобарорест барои хариди калон, таъмири хона ва ба тартиб овардани ҳуҷҷатҳои даркорӣ.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Дар ин ҳафта ба умеди кумаку дастгирии касе нашавед, мустақилонаву фаъолона амал намоед. Агар аз масъулиятнокӣ натарсед, мушкилоти зиёдеро рафъ карда метавонед. Ба нафарони ношинос бовар накунед ва бо касе шинос шуданро тавсия намедиҳем.



Далв
21.01 - 19.02

Дар ин ҳафта аз маъракаву нишасти дӯстон дурӣ ҷустанатон беҳтар аст, вагарна хароҷоти калон мекунед. Дар ин рӯзҳо ба дӯстон қарз додану қарз гирифтанро тавсия намедиҳем. Дар акси ҳол муносибататон бо онҳо вайрон мегардад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Аввали ҳафта барои расидан ба мақсад ба ҳама кор даст заданӣ мешавед. Ҳама гуна монеа ва бо шумо созиш накардани атрофиён боиси қаҳру ғазабатон мегардад. Ба назаратон чунин мерасад, ки шуморо таҳқир кардан мехоҳанд, вале дар асл чунин нест.

КАМХУНӢ

Чӣ тавр бо себу хуч онро табобат кунем?



Фарзандам чанд сол боз ба бемории камхунӣ гирифтор аст. Камҳаракат ва камқувват аст. Чанд бор аз бемадорӣ дар донишгоҳ сараш чарх зада афтодааст. Доруҳои зиёд ба саломатӣ зарар дорад. Шояд табибони халқӣ роҳҳои табобати халқии камхуниро мегӯянд.

Соҷида
аз шаҳри Турсунзода



Посухи табиби мардумӣ Садриддиншоҳ Ҷалолӣ:

- Хоҳари азиз, айни замон ман чанд давои оддиро тавсия медиҳам, ки камхуниро бартараф менамоянд, вале фарзанди шуморо зарур аст, ки сарчашмаи бемориашро аниқ намояд, зеро камхунӣ паёмади ягон касалии дигар буда метавонад. Сарчашмаи касалиро ёфтаву табобат накунед, беморӣ баъди чанд вақт метавонад аз нав хурӯҷ намояд. Инак, чанд нусха ҷиҳати табобати камхунӣ.

Аввал. Ним килограмм себ, ним кило лаблабуи сурх ва ҳамин миқдор сабзиро аз мошинаи мевачабак гузаронида, ба шарбати ҳосилшуда як пиёла асалро илова намоед. Шарбатро нағзакак якҷоя карда, рӯзе 3 маротиба 20 дақиқа пеш аз хӯрок якқошуқӣ нӯши ҷон намудан лозим. Мо инро дар таҷриба санҷида, боварӣ ҳосил намудем, ки дар бадали як моҳ камхуниро пурра бартараф менамояд.

Дуюм. Як пиёла ҷавро нағзакак шуста, дар якуним литр об муддати 10-15 дақиқа бичӯшонанд ва бо каме асал ширин карда, рӯзе 2-3 маротиба якпиёлагӣ бинӯшанд, камхуниро даво мебахшад.

Сеюм. Настаран (хуч) барои касоне, ки ба камхунӣ мубтало гаштаанд, беҳтарин давост. Одам ҳар бегоҳ 3 қошуқ хучро дар термос андохта, аз болояш ним литр оби ҷӯшомада резаду рӯзона кам-кам ин обро бинӯшад, худро бардам эҳсос хоҳад кард.

ДӮЛОНА – КОНИ ВИТАМИНҲО

Чанд рӯз баъд дар бозорҳои кишвар мавсими дӯлона оғоз мешавад. Фарзандони ман ин меваҳоро, ки ҳамел-ҳамел мефурӯшанд, дӯст медоранд. Мехоҳам дар мавриди хусусиятҳои дӯлона маълумот диҳед.

САФАРГУЛ,
ш. Душанбе



Дӯлона ду навъ аст: дӯлонаи хасак, ки самараш сурх – инро дӯлонаи сурхак низ меноманд; қисми дувумро самараш қалон-қалон ва дар вақти пухтан зард мегардад.

Мизочи дӯлонаи калон дар дарачаи дувум сард ва дар якум хушк аст.

Хусусияти доруии дӯлона аз қадим маълум аст. Бино ба маълумоти Абӯалии Сино дӯлона талхаро фурӯ менишонад, хунравиро мебандад. Дар тиби халқӣ гул, мева, барг ва пӯстлохи дӯлонаро барои муолиҷаи бемориҳои гуногун истифода мебаранд. Ҷӯшоби барг ва чойи гулҳои хушку меваи дӯлонаро ҳангоми ғалаёни хун, сарчархзанӣ, дилзанӣ, хафақон, бехобӣ, неврози дил, зуком менӯшанд. Меваи тару тозаи онро чун воситаи исҳоловар тавсия медиҳад. Ба ақидаи табибони мардумӣ, агар дӯлонаро истеъмол намоянд, ба бадан ғизо мешавад. Дар аъзои бадан қабзият пайдо мекунад, баданро фарбеҳ месозад, фишори баланди хунро паст мегардонад. Дӯлона қайро таскин бахшида, меъда ва ҷигарро қавӣ мегардонад, иштиҳо меорад, исҳолро мебандад, чакмезакро шифо мебахшад. Оби дӯлонаро бо шакар бинӯшанд, дарди сареро, ки аз гармӣ бошад, рафъ менамояд. Истеъмоли аз ҳад зиёди дӯлона ба гурда зарар дорад. Иллати кулинҷ (колит)-ро пайдо мекунад, меъдаро заиф месозад. Миқдори як маротиба нӯшидан аз оби дӯлона то 90 г. ва аз меваш то 55 г. аст.

Дӯлона ба миқдори зиёд витамини С, қанд (сахароза, фруктоза), фитостеринҳо, сапонинҳо, флавоноидҳо, кислотаҳои органикӣ, гулу барги он флавоноидҳо (кварсетин, гиперозид, равғани эфир) дорад.

ДИЛБАСТАИ СУХАНУ ЗАМИН

Ба баҳонаи 70-умин солгарди таваллуди Ҳикматулло Сатторов, собиқадори телевизион ва матбуоти тоҷик

Инсонҳое ҳастанд, ки сарфи назар аз гузашти умр гӯиё пир намешаванд ва пурэнержию шодоб боқӣ мемонанд. Ба шеваю низоми кору зиндагиашон менигарӣ ва гумон мекунӣ, ки бисту чаҳор соат дар як шабонарӯз барои онҳо кифоят намекунад, то ҳамаи кору нақшаҳои рӯзмарраашонро ба сомон бирасонанд.



Рӯзноманигори соҳибтачриба ва собиқадори телевизиони тоҷик Ҳикматулло Сатторов аз ҷумлаи чунин афрод аст. 1-уми июни соли 2022 ба синни мубораки 70 қадам мениҳад, аммо аз бознишастагию пирӣ дар ӯ хабаре нест. Ҳикматулло Сатторов ҳамчунон ба фаъолияти рӯзноманигорӣ идома медиҳад ва ҳамзамон деҳқониро, ки аз падари раҳматиаш ба мерос гирифтааст, замонати тандурустию сарбаландӣ ва пешбурди рӯзгори хонаводаи бузурги худ медонад. Зимнан, падараш Бобои Саттор 100 сол умр дид ва дар канори муаллимӣ дилбастаи замину деҳқонӣ буд.

Бори нахуст дар соли 1984, ҳангоми таҷрибаомӯзӣ дар рӯзномаи "Байрақи ленинизм" (ҳоло "Ҳисори шодмон") дар ноҳияи Ҳисор бо Ҳикматулло Сатторов ошно шуда будам. Ӯ он вақт мудири шуъбаи кишоварзии ин рӯзнома (1982-1984) буд ва ман бо роҳхати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои коромӯзӣ ба ин рӯзнома омадам. Як моҳи таҷрибаомӯзӣ бо роҳнамоии ӯ даҳҳо хабару лавҳаю мақолаам дар ин рӯзнома чоп шуд ва бо сари баланд ба донишгоҳ баргаштам.

Бори дигар, соли 1986, пас аз анҷоми таҳсил дар донишгоҳ сарнавишт дубора маро бо Ҳикматулло Сатторов рӯ ба рӯ кард. Дунболи кор мегаштам ва дар рӯзномаи ноҳия роҳхати маро ба далели набудани ҷойи кори холӣ, ба донишгоҳ баргардониданд. Маро зиндаёд Зубайдуллоҳ Шарифзода, ходими адабии рӯзномаи ноҳияи Ҳисор ба назди Ҳикматулло, ба шаҳри Душанбе фиристод. Баъдтар фаҳмидам, ки Ҳикматулло Сатторов и.в. сармуҳаррири идораи барномаҳои сиёсии телевизиони Тоҷикистон будааст. Он вақт дар Тоҷикистон танҳо як шабакаи телевизионӣ буд ва муҳимтарин идораи он ҳам сарредаксияи пропаганда ба шумор мерафт, ки сармуҳарририи онро Ҳикматулло бар уҳда дошт. Баъд аз суҳбат маро ба унвони муҳаррири хурди телевизион бо маоши моҳонаи 110 рубл ба кор гирифтанд...

Ногуфта намонад, ки нахустин барномаи телевизионии худро аз корхонаи парандапарвории Чептураи Шаҳринав (он солҳо тобеи ноҳияи Ҳисор буд) бо роҳнамоии Шералӣ Мустафоқулов, ки ахиран даргузашт (Худованд биёмурзад!), таҳия карда будам.

Панҷ соли кор дар телевизиони Тоҷикистон (1986-1990)-ро воқеан мактаби омӯзиш ва такмили маҳорату хунари рӯзноманигорӣ барои худам медонам. Он вақт телевизион расонаи таъсиргузоре буд. Ба масоилу мушкилоте, ки дар барномаҳои идораи сиёсӣ ва "Ахбор" матраҳ мешуданд, мақомоти масъул зуд вокуниш нишон медоданд ва ислоҳ мекарданд. Мақому манзалати Ғоиб Назарович Қаландаров, раиси вақти Кумитаи радио ва телевизиони Тоҷикистон дар назди раҳбарони аввали кишвар хос буд, сухани ӯ вазн дошт ва ҳамаи кормандони радио ва телевизион дар симои Ғоиб Назарович як ҳомии қавӣ ва қудратманде доштанд. Зимнан, хонаҳое, ки мо, як гуруҳ мутахассисони ҷавон дар канори кормандони куҳнакор дар соли 1989 дар пойтахти кишвар гирифтем, ба ҳиммату талошҳои раҳматии Ғоиб Қаландаров ва Мақсуд Икромов, шаҳрдори пешини Душанбе буд. Худованд руҳи ҳар дуи онҳоро шод бигардонад!

Ҳоло беш аз даҳ шабакаи телевизиони сартосарӣ дорем, ки ҳар шабонарӯз онҳо даҳҳо соат барнома пахш мекунанд. Аммо на ҳамаи ин телевизионҳо дар миёни бинандаҳои тоҷик маҳбубият доранд. Гоҳо аз худам суол мекунам, ки чаро дар замони шӯравӣ телевизиони Тоҷикистон мактаби омӯзиш ва такмили ҳунару маҳорат барои мо, насли ҷавон буд? Ба назарам, ба хотири он, ки дар телевизион рӯзноманигорони соҳибмактабу боистеъдод ва ботаҷриба кам набуданд.

Қаҳрамони ин матлаб ҳам аз ҷумлаи чунин афрод аст. Ҳикматулло Сатторов, ки 32 сол (1975-2007) дар Телевизиони Тоҷикистон фаъолият карда ва аз вазифаи муҳаррири хурд то ба мақоми мудири идораи тиҷорати телевизион ва мудири идораи барномаҳои хабарии телевизион расида буд, соли 2007 дигар натавонист муҳити телевизионро таҳаммул кунад ва аз даргоҳе, ки беҳтарин айёми зиндагиаш дар он ҷо сипарӣ шудааст, батамом рафт.

Аз моҳи феврали соли 2007 то ҳоло сармуҳаррири рӯзномаи ноҳияи Шаҳринав аст ва радиои маҳаллии ноҳия ҳам зери назари ӯ фаъолият мекунад. Бо вуҷуди расидан ба синни бознишастагӣ нафақа намегирад ва мувофиқи қарордод ба фаъолияти кории худ идома медиҳад. Ҳар гоҳ, ки рӯ ба рӯ шавем, аз эшон мепурсам, ки «масъалаи нафақаро ҳал кардед?» ва чунин посух мешунавам: «Ман кор мекунам, нафақа ба ман чӣ лозим?...».

Ҳикматулло Сатторов ҳанӯз дар соли 1978 ба узвияти Иттифоқи журналистони Тоҷикистон пазируфта шуда буд. Аълочии радио ва телевизиони Тоҷикистон, Аълочии фарҳанги Тоҷикистон ва Аълочии матбуоти Тоҷикистон аст. Соли 2012 хидматҳояш дар рушди матбуот ва телевизион аз сӯи Ҳукумати Тоҷикистон бо медали "Хизмати шоиста" қадр карда шуд.

Дар канори фаъолияти эҷодӣ, чун дар тамоми тӯли умраш бо замин қарин аст. Ҳам панба кишту парвариш мекунад, ҳам сабзиҷот ва ҳам боғи мева дорад. Писаронаш Тоҳиру Парвиз ва набераҳояш ҳамеша дар канораш ҳастанд ва дар кишту кор ва ҷамъоварии маҳсули боғу заминаш ба ӯ кумак мекунанд. Соле як бор айёми гелоспаз мо - аҳли «Гаштак», яъне дӯстону ҳамсояҳояшро ба сайри боғаш мебарад, то бо дастони худ аз меваи шохаҳои пурбори дарахтони боғаш нӯши ҷон кунем. Дар ҳар гӯшаю канори Тоҷикистон ёру дӯстони зиёде дорад, нону намаки хӯрдаашро пос медорад ва ҳамеша дар хидмати мардуми диёр ва дӯстони қадршиносаш аст.

Барои як инсон меҳру муҳаббати мардум беҳтарин ганҷу сарват аст. Аз ин лиҳоз, Ҳоҷӣ Ҳикматулло Сатторов сарватмандтарин ҳамдиёр ва ҳампешаи мост. Умраш дароз ва саодати рӯзгор насибаш бод!

Суҳроби ЗИЁ,
рӯзноманигор

Тақвими ТОҶИКИСТОН

27 МАЙ

ГУЛЧЕҲРА МУҲАММАДИЕВА (1957), 65-солагии зодрӯзи адиб, ходими давлатӣ, дорандаи медали «Хизмати шоиста».

РАҶАБАЛӢ НАЗАРОВ (1937), 85-солагии зодрӯзи адиб.

САФАР САЙФИДДИНОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

28 МАЙ

ЕВГЕНИЙ ВАЛИКА (1937), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб.

АСКАР ТУРАЕВ (1942), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

НИКОЛАЙ ШЕРБИНА (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи санъатшиносӣ, коргардони театр.

29 МАЙ

АБДУВАЛӢ ДАВРОНОВ (1957-2013), 65-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

САМАД БОЛТУЕВ (1957), 65-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

НОСИР НАЗАРОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

30 МАЙ

АМОНУЛЛО САЛИМОВ (1967), 55-солагии зодрӯзи доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор.

АМОН БЕКНАЗАРОВ (1892-1965), 130-солагии зодрӯзи кинорежиссёри арманӣ, дар "Тоҷикфилм" якумин филмро таҳия кардааст.

31 МАЙ

АСАФ ОЧИЛДИЕВ (1932), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

СЕРГЕЙ ПОЛЯКОВ (1932), 90-солагии зодрӯзи доктори илмҳои таърих, профессор.

1 ИЮН

НАРИМОН АКРАМОВ (1932-1996), 90-солагии зодрӯзи доктори илмҳои таърих, профессор.

АБДУЛЛО РАҲИМОВ (1932-2010), 90-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

АНВАР МАДАЛИЕВ (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

РОБИЯ ҲОҶИМАҲМАДОВА (1947), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

2 МАЙ

АФЗАЛШО ШОДИЕВ (1962), 60-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

БОБО ХУДОЙДОДОВ (1927-1991), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос, олими соҳаи филология.

АБДУЛЛОҶОН ЭРГАШЕВ (1942), 80-солагии зодрӯзи доктори илмҳои биологӣ, профессор.

НОДИРА ШУКУРОВА (1942), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогӣ.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД.
Тел: 221-00-84

ҶОМИ ОСИЁ

ДАҲ ГУРУҲ ТАШКИЛ ШУД, КИ ТОҶИКИСТОН ДАР ГУРУҲИ Н АСТ

Қуръакашии марҳилаи интихобии Ҷоми футболи Осиё-2023 маълум кард, ки дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) дар гуруҳи «Н» бо дастаҳои мунтахаби Афғонистон, Тимори Шарқӣ ва Муғулистон бозӣ мекунад. Бозиҳои интихобӣ дар гуруҳи «Н» аз 5 то 9-уми октябр дар шаҳри Душанбе баргузор мешаванд.

Дар маҷмуъ, аз рӯи натиҷаи қуръакашӣ даҳ гуруҳ ташкил карда шуд. Дар марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё байни наврасон, ки аз 3 то 20-уми майи соли 2023 дар Баҳрайн баргузор мешавад, ғолибони даҳ гуруҳи интихобӣ ва панҷ дастаи беҳтарин, ки ҷойҳои дуюмро мегиранд, ширкат хоҳанд кард.

Натиҷаи қуръакашии марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2023 байни дастаҳои наврасони то 17-сола:

Гуруҳи «A»: Ҷопон, Урдун (мизбон), Сурия, Филиппин, Туркманистон.

Гуруҳи «B»: Индонезия (мизбон), Малайзия, Фаластин, Гуам, АМА.

Гуруҳи «C»: Уммон (мизбон), Ироқ, Қатар, Лубнон, Баҳрайн.

Гуруҳи «D»: Ҳиндустон, Арабистони Саудӣ (мизбон), Мянмар, Малдив, Кувайт.

Гуруҳи «E»: Яман, Бангладеш (мизбон), Сингапур, Бутан.

Гуруҳи «F»: Тайланд, Ветнам (мизбон), Тайбейи Чин, Непал.

Гуруҳи «G»: Австралия (мизбон), Чин, Камбоҷа, Ҷазираҳои Марианаи Шимолӣ.

Гуруҳи «H»: Тоҷикистон (мизбон), Афғонистон, Тимори Шарқӣ, Муғулистон.

Гуруҳи «I»: Эрон, Ҳонконг, Қирғизистон (мизбон), Лаос.

Гуруҳи «J»: Кореяи Ҷанубӣ, Бруней, Ӯзбекистон (мизбон), Шри-Ланка.



ЧЕМПИОНАТИ ДУШАНБЕ БО ПИРӮЗИИ НАВРАСОНИ ЭРОН АНҶОМ ЁФТ

Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) байни дастаҳои наврасони то 16-сола, ки дар шаҳри Душанбе бо ширкати дастаҳои мунтахаби наврасони Эрон, Ӯзбекистон, Афғонистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон баргузор шуд, бо пирӯзии дастаи Эрон ба анҷом расид.

Дар даври ниҳоӣ дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-16) таҳти роҳбарии сармураббӣ Зайниддин Раҳимов аз дастаи наврасони Эрон бо ҳисоби 0:7 шикаст хӯрд.

Дар бозии дигари ин давр дастаи мунтахаи Ӯзбекистон бар Қирғизистон бо ҳисоби 3:2 пирӯз шуд.

Ба ин тартиб, аз рӯи натиҷаҳои мусобиқа, ду даста - Эрон ва Ӯзбекистон 10-имтиёзӣ ба даст оварданд, аммо ба далели тафовути тӯбҳо наврасони Эрон барандаи чемпионати CAFA-2022 гардиданд. Ӯзбекистон медали нуқра ва дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо чор имтиёз медали биринҷиро соҳиб шуданд.

Ҷоизаи «Fair Play» ба дастаи Қирғизистон дода ва ҷоизаи махсус насиби дастаи Афғонистон шуд. Беҳтарин нишонзани мусобиқа бозигари дастаи Ӯзбекистон Амирбек Саидов (7 гол) дониста шуд. Ҷоизаи арзишмандтарин бозигар ба футболбози эронӣ Ризо Гандипур насиб гардид.

Чемпионати CAFA-2022 байни дастаҳои наврасон (U-16)

Даври 1

Ӯзбекистон - Эрон - 2:2

Афғонистон - Қирғизистон - 1:1

Даври 2

Қирғизистон - Тоҷикистон - 0:2

Афғонистон - Ӯзбекистон - 0:6

Даври 3

Тоҷикистон - Афғонистон - 0:0

Эрон - Қирғизистон - 2:0

Даври 4

Ӯзбекистон - Тоҷикистон - 2:0

Эрон - Афғонистон - 1:0

Даври 5

Тоҷикистон - Эрон - 0:7

Қирғизистон - Ӯзбекистон - 2:3

ФУТБОЛ



ОМОДАГИИ ҶАВОНОН БА МУСОБИҚА ИДОМА ДОРАД

Дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон (U-23) таҳти роҳбарии иҷрокунандаи вазифаи сармураббӣ Аслиддин Ҳабибуллоев омодагиро ба марҳилаи ниҳоии Ҷоми футболи Осиё-2022, ки ҳафтаи оянда дар Ӯзбекистон оғоз мешавад, дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд идома медиҳад.

Ҷамъомади таълимию тамринӣ дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон воқеъ дар шаҳри Гулистон дар реҷаи тамринӣ ду маротиба дар як рӯз ҷараён дорад. 25-уми май дастпарвароні Аслиддин Ҳабибуллоев бо ҳамсолонашон аз Ӯзбекистон бозии дӯстона анҷом доданд. Ин вохӯрӣ дар варзишгоҳи «Металлург»-и Бекобод баргузор шуд.

Дар марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё-2022, ки аз 1 то 19-уми июн дар Ӯзбекистон доир мешавад, дастаи мунтахаби Тоҷикистон (U-23) дар гуруҳи «D» бозӣ мекунад. Ҳарифони дастаи мо дастаҳои мунтахаби Арабистони Саудӣ (3-юми июн), Аморати Араб (6-уми июн) ва Ҷопон (9-уми июн) ҳастанд.

ФУТЗАЛ

ТОҶИКИСТОН ДАР САБАДИ СЕЮМ ҶОЙ ГИРИФТ

Конфедератсияи футболи Осиё рӯйхати пурраи сабадҳои қуръакашии марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё-2022-ро нашр кард, ки дар он дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар сабади сеюм ҷой гирифт.

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон, ки дар таърихи худ бори ёздаҳум дар марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё ширкат мекунад, дар сабади сеюм қарор гирифт. Дар ин сабад дастаҳои Тайланд, Тайбейи Чин ва Кореяи Ҷанубӣ низ ҳастанд, ки Тоҷикистон бо ин дастаҳо бозӣ намекунад.

Аз рӯи натиҷаи қуръакашӣ чор гуруҳ иборат аз чордастаӣ ташкил карда мешавад. Аз ҳар гуруҳ ду даста ба даври чорякниҳоӣ роҳ меёбанд.

Марҳилаи ниҳоии Ҷоми футзали Осиё-2022 аз 27-уми сентябр то 8-уми октябр дар Кувайт баргузор мешавад.

Таркиби сабадҳо барои қуръакашии марҳилаи ниҳоии Ҷоми футзали Осиё-2022:

Сабади 1: Кувайт, Эрон, Ҷопон, Ӯзбекистон.

Сабади 2: Ироқ, Лубнон, Ветнам, Баҳрайн.

Сабади 3: Тайланд, Тайбейи Чин, Тоҷикистон, Кореяи Ҷанубӣ.

Сабади 4: Арабистони Саудӣ, Индонезия, Туркманистон, Уммон.



Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

ШАКАРХАНД

Асал

Хирс 2 литр асалро дар зери хок пинҳон карда, дар коғазе менависад:

- Дар ин ҷо асал-пасал нест.

Харгӯше омада, асалашро мехӯрад ва дар коғаз менависад:

- Ин асалро харгӯш-паргӯш нахӯрдааст.

Нафақа

Марде дар моҳи июл либосҳои зимистона пӯшида, ба нафақагирӣ меравад. Корманди мақомот мегӯяд:

- Ако, дар ин гармӣ либосҳои зимистона пӯшида омадед, тинҷӣ аст?

Мард мегӯяд:

- Нафақаи моҳи январро гирифтанӣ омадам.

Таксӣ

Ду майхора аз тарабхона баромада, таксиеро манъ мекунанду ба ронанда мегӯянд:

- Ака, 3 нафарро то маркази шаҳр бо чанд сум мебарӣ?

Ронанда ҳайрон шуда мепурсад:

- Охир, шумо 2 нафар ҳастед ку!?

Мард мегӯяд:

- А бача, ту ҳамроҳи мо намеравӣ?

Зан ва пул

Ду рафиқ бо ҳам вомехӯранд. Якеаш шикоят мекунад:

- Дигар бо занам зиста наметавонам. Ҳар рӯз пул мепурсад.

Рафиқаш мегӯяд:

- Зани ту ин қадар пулро чӣ кор мекунад?

Мард мегӯяд:

- Намедонам, ман ҳоло ягон бор ба ӯ пул надодаам.

Донишҷӯ

Аз донишҷӯдухтаре пурсиданд:

- Гӯштбирёнро дӯст медорӣ ё сихкабобро?

Духтар мегӯяд:

- Ҳамонеро, ки ин чизҳоро ба ман харида медиҳад.

Пулхӯр

Марде ба рафиқаш мегӯяд:

- Мурод, медонӣ, занам тамоми пулҳоямро гирифта рафт.

Мурод дар ҷавоб:

- Зани ман ҳам тамоми пулҳоямро гирифт, вале нарафт.

Шаробӣ

Ҷавон бо духтаре шинос мешавад:

- Ман Алӣ.


- Ман Дилбар.

- Шуғли шумо чист, Дилбар?

- Варзиш, ман варзишгар ҳастам. Шумо чӣ?

- Машрубот. Ман шаробӣ ҳастам.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА





ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

“ЗАНГИ ОХИР” НАМЕШАВАД!

Соли таҳсил ҳам ба поён мерасад, вале дар мавриди гузаронидани “занги охирин” овозаҳо гуногун аст. Оё имсол дар Тоҷикистон чун анъанаи солҳои пешин занги охир садо медиҳад?

МАВЗУНА, ш. Душанбе



РАҲИМҶОН САЙДЗОДА

Вазорати маориф ва илми кишвар мегӯяд, ки имсол дар Тоҷикистон ҳеҷ гуна чорабинии бахшида ба хатми соли таҳсил миёни мактабхонҳо гузаронида намешавад ва баргузории ин чорабиниҳо расман манъ шудааст.

Ба гуфтаи вазорат, дарсхо барои мактабхонҳои синфи як рӯзи 25-уми май ба охир мерасанд ва донишомӯзони дигар то 1-уми июн дарс мехонанд.

«Соли хониш дар мактабҳои Тоҷикистон пас аз як ҳафта, 1-уми июн ба охир мерасад. Имсол дар ин рӯз дар тамоми мактабҳои ҷумҳурӣ дарсҳо тибқи ҷадвали таълим бидуни баргузории «занги камолот ва ҷамъомади ботантана» баргузор мегарданд. Дар мактабҳои кишвар баргузории чорабиниҳо ба муносибати хатми мактаб барои хатмкунандагони синфҳои 9 ва 11 мисли солҳои пеш манъ аст»,- гуфтанд дар Вазорати маориф ва илм.

Дар Вазорати маориф гуфтанд, ки ба тамоми мудирони мактабҳо ва мудирони шуъбаҳои маориф ҳушдор дода шудааст, ки аз анҷоми соли хониш таҷлил накунанд ва дар ин мавзуъ миёни хатмкунандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронанд.

Бояд гуфт, ки қаблан дар Тоҷикистон рӯзи 25-уми май ба таври анъанавӣ поёни соли таҳсил буд ва он то соли 2009 барои хатмкунандаҳо таҷлил карда мешуд, ки бо номи "Занги охир" ё "Занги камолот" маъруф буд.

24-уми майи соли 2016, замони вазири маориф ва илми Тоҷикистон будани Нуриддин Саид Вазорати маориф тасмим гирифт, ки ҳама гуна ҷашнҳои марбут ба оғозу анҷоми соли хониш (“аввал” ва “охирин”) дар мактабҳо манъ карда шавад.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН